С. ИКРОМӢ: БОНК МИЁНАРАВ АСТ, НА МОНОПОЛИСТ! с.8

ПАНҶАКЕНТ. ТУҲМАТИ ГӮШНОШУНИД с.3

МАРГИ ПУРАСРОРИ САРБОЗ ДАР МАСТЧОҲ с.11

ТОҶИКИСТОН

№32 (1543)
09.08.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якдост! ~





с.9

М.О.О. Group
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —
Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

Маҷмааи бисёрфункционалии "Ҳисор мол" бо ҷойгирониии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.

ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ БЕ ЯГОН ФОИЗИ ИЛОВАГӢ СУПОРЕД

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ
- Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиноварии дарунӣ
- Маркази фитнес



Телефони шуъбаи фурӯш: +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33

ДАР ИН ШУМОРА:

ПОЙТАХТ
Чаро дастури шаҳрдорӣ иҷро нашуд? с.5

НИГАРОНӢ
Муҳоҷирати занони тоҷик афзоиш меёбад с.3

ҶАЙҲУН
Омӯзгорон аз Бадахшон ҷалб мешаванд с.3

ҒИЗОИ АСРИ 21
Аврупо малаххӯриро иҷозат дод с.6

ВАЗИРИ АДЛИЯ
Талоқ дар кишвар коҳиш ёфт с.11

ХАТЛОН
Қарорҳо бекор мешаванд, вале гунаҳгорон бечазо мемонанд с.4

КАНЗИ ШИФО
Роҳҳои пешгирӣ ва табобати катаракта с.12

ВАРЗИШ
Хоҷазода ва Раҳимов аз Будапешт чӣ оварданд? с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ҲАСАНЗОДА БО ҲАМТОИ РУСАШ МАСЪАЛАИ МУҲОҶИРАТРО МАТРАҲ КАРД

Ҳасанзода дар дидор бо ҳамтои русаш дар Маскав иҷроиши тавофуқҳоеро, ки қаблан дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ имзо шуда буданд, баррасӣ кард.

Мулоқоти Гулнора Ҳасанзода бо муовини вазири меҳнат ва шуғли аҳолии Русия Елена Мухтиярова дар шаҳри Москва сурат гирифт.

Гуфта мешавад, ки яке аз масъалаҳои асосии муҳокимагардида зимни мулоқот, ин иҷроиши тавофуқҳое будааст, ки дар чаҳорчӯби мулоқоти ҳамраисони Комиссияи байниҳукуматӣ дар бораи ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни Русия ва Тоҷикистон - муовини Сарвазири Русия Марат Хуснуллин ва Сарвазири кишвар Қоҳир Расулзода (дар масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ) матраҳ гардида буданд.

Дар вохӯрӣ масъалаҳои зерин низ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

- рафти иҷрои Созишнома байни ҳукумати ду кишвар дар бораи ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатии муваққатӣ дар қаламрави Русия;

- омода намудани муҳоҷирони меҳнатӣ пеш аз сафар, ташкил ва такмили таълими касбии муҳоҷирони меҳнатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва маркази таълими калонсолони Тоҷикистон ба талаботи бозори меҳнати Русия ҷавобгӯ ва эҳтимоли омӯзиши касбии онҳо аз ҷониби корфармоёни Русия.

Дар баробари ин, "Харитаи роҳ" ба имзо расидааст, ки дар он тадбирҳои мушаххас оид ба татбиқи Созишномаи мазкур пешбинӣ шудаанд.



МУҲОҶИРАТИ ЗАНҲОИ ТОҶИК АФЗОИШ МЕЁБАД

Дар 6 моҳи соли ҷорӣ ҳудуди 90 ҳазор зан Тоҷикистонро тарк кардаанд.

Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Тоҷикистон Ҳилолбӣ Қурбонзода гуфт, ки бештари онҳо аз интизории шавҳарашон аз Русия хаста шуда, муҳоҷирати кориро ихтиёр намудаанд.

«Дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта, ки он замон 57 ҳазору 451 нафар занон ба муҳоҷират рафта буданд, тавре мебинем, ин нишондиҳанда хеле зиёд шудааст»,- зикр кард ӯ.

Ҳилолбӣ Қурбонзода гуфт, ки «чудошавии тӯлонии оила ба занҳо фишори равонӣ ва иҷтимоӣ оварда, онҳо ҳарчи бештар тасмим мегиранд, ки дар ҳаёти иқтисодӣ фаъолона иштирок намоянд ва ҳамроҳи шавҳаронашон дар хориҷа ҷойи кор пайдо кунанд ё дертар ба назди онҳо раванд».

Ҳоло Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Тоҷикистон талош доштааст, ки дар ҳамдастӣ бо мақомоти марбута роҳу воситаҳои дастгирии занонро барои пешгирӣ аз муҳоҷират ҷустуҷӯ кунад.



ПРЕЗИДЕНТ ДАР РОҒУН

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сохтмони садди обанбори нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" шинос гардид.

Аз ҳаҷми умумии 80 млн метри мукааб сангу шағали пешбинигардида барои сарбанди нерӯгоҳи "Роғун" то ҳол ба андозаи 19 млн метри мукааб мавод дар қабатҳои болоию поёнӣ хобонида шудааст. Маводи хобонидашуда дар сарбанд 23%-ро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, Саркори давлат Эмомалӣ Раҳмон бо рафти корҳои сохтмонӣ дар қисмати ядрои сарбанди асосии нерӯгоҳ шинос гардид.

Бино ба иттилои дафтари матбуоти Президенти кишвар, дарозии таҳкурсии асосӣ аз бетони кӯбида 172 метр, паҳноиаш 133 метр ва баландии он 23 метрро ташкил медиҳад.

Дар маҷмуъ, хобонидани маводҳо дар қисмати болоии сарбанд то имрӯз ба 1140 метр аз сатҳи баҳр расидааст.

"Андозаи болоии нигоҳдории об баъди обгирии пурраи обанбор 1 ҳазору 290 метр аз сатҳи баҳр хоҳад буд ва масоҳати обанбор ба 170 километри мураббаъ мерасад",- иттилоъ медиҳад манбаъ.

Ядрои сарбанд аз иншооти муҳими нерӯгоҳ ба шумор рафта, корҳои сохтмониву васлгариро дар он мутахассисони ватанию хориҷӣ дар асоси нақша бо сатҳу сифати баланд ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ иҷро мекунанд.

САРИ САБЗ



Олимҷон МУҲАММАДҶОНЗОДА, раиси Кумитаи забон ва истилоҳот

- Мутахассисони кумита оид ба барномасозӣ беш аз 2 сол дар таҳияи барномаи танзимоти Mozilla Firefox кор карда, дар ниҳоят ба комёбӣ ноил гардиданд. Забони тоҷикӣ бо чунин барномаи интернетӣ тавонмандӣ ва имконоти воқеии худро дар ҷаҳон нишон медиҳад.

- Офарин раис, муборак бошад! Mozilla Firefox-ро "Рӯбоҳи ҷилодор" тарҷума кардаву бисёриҳоро дар ҳайрат гузоштед. Акнун як зӯри дигар зада, хатоҳои овезаҳоро ислоҳ кунед, нуран алонур мешавад.



Абдуҷаббор ЮСУФЗОДА, директори Агентии хоҷагии ҷангал

- Агентӣ аз ҳисоби иҷозатномаи шикор ба буҷаи ҳукумат дар ин шашмоҳа 19,2 ҳазор сомонӣ ворид кардааст. 174 нафаре, ки иҷозатномаи шикорро гирифтаанд, метавонанд мурғобӣ ва хукҳои ёбоиро шикор кунанд ва он ҳам бошад, танҳо баҳору тирамоҳ.

- Оҳ, шумо доно! Медонед, ки шумораи хукҳои ёбоӣ кам асту шикорчиҳоро "бузакбозӣ" меандозед ҳа? Агар ин тавр нест, пас чаро зиёдтар иҷозатномаи шикори моҳиро намедиҳед?



Ҷамшед ҒАНИЗОДА, ректори Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайн

- Давоми соли ҷорӣ 10 нафар донишҷӯ ҳамроҳи 2 нафар омӯзгори донишкада бо мақсади шиносоӣ пайдо намудан бо ёдгориҳои таърихии шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон фиристода шудаанд.

- Як маслиҳат, муҳтарам ректор. Агар дар мавриди шиносоӣ пайдо намудан бо ёдгориҳои дигар давлатҳои гуногун тасмим мегирифтед, шояд ҳама довталабон донишкадаи шуморо интихоб мекарданд.

Ба Раиси Суди Олии ҶТ, муҳтарам Шермуҳаммад Шоҳиён
Ба Прокурори генералии ҶТ, муҳтарам Раҳмон Юсуф Аҳмадзод

ТУҲМАТИ ГӮШНОШУНИД

Аз зарбаи телефон исқоти ҳамл имкон дорад? Боз, агар назада бошӣ...



Муҳтарам Раиси Суди Олии ҶТ Шермуҳаммад Шоҳиён!
Муҳтарам Прокурори генералии ҶТ Раҳмон Юсуф Аҳмадзод!

Ба Шумо як нафар шаҳрванди Тоҷикистони ободу амн, як нафар зане бо дили афгор ва нобоварӣ ба инсону гуманизм муроҷиат мекунад, ки соҳиби фарзандони хурдсол асту дучори туҳмати гӯшношунид гашта, азоби виҷдон мекашад.

Ман, Эгамова Зарина Ҳодихоновна, соли таваллудам 1988, оиладор, соҳиби 3 нафар фарзанди хурдсол, зодаи ноҳияи Ҷайҳун, истиқоматкунандаи шаҳри Панҷакент, шаҳраки Суғдиён, дар муроҷиати худ ба Шумо маълум менамоям, ки рӯзи 5-уми сентябри соли 2022 тахминан соати 12:00 дар назди бинои 8-и шаҳраки Суғдиёни шаҳри Панҷакент, ки истиқоматгоҳам мебошад, байни ман ва Раҷабова Парвина ном шахс, ки ҳардуямон дар ҶДММ КМ «Зарафшон» кор мекунем, баҳс рух дод. Баъди ҳамин баҳс Раҷабова П. нисбати ман туҳмат кард, ки гӯё ӯро зада, ҷароҳат расонида бошам ва дар натиҷа исқоти ҳамл кардааст. Ӯ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намуд. Дар ин асос нисбати ман санаи 29-уми ноябри соли 2022 аз тарафи муфаттишони бахши тафтишотии ШВКД бо моддаи 110, қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, тафтишоти пешакӣ гузаронида шуд. Минбаъд бошад, кирдори ман бо моддаҳои 110, қисми 2, банди «к» ва 237, қисми 3, банди «а»-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шуда, ба ман бо моддаҳои зикргардида айб эълон карда шуда, тафтишоти пешакии парвандаи ҷиноятӣ ба итмом расонида шуд.

Бояд қайд намоям, ки тафтишоти пешакӣ ҳамчун асоси айбдории ман хулосаи экспертизаи судӣ-тиббии комиссионӣ аз 14-уми октябри соли 2022 таҳти №87 аз тарафи муассисаи давлатии Маркази экспертизаҳои судӣ-тиббии вилояти Суғдро ба инобат гирифтааст, ки мувофиқи ин хулоса дар маҷмуъ бо назардошти исқоти ҳамли ба миён омада дараҷаи шаҳрванд Раҷабова П. ба зарари вазнини ба саломатӣ расонида мансуб мебошад.

Ман чунин ақида дорам, ки хулосаи ташхиси судии комиссионии мазкур бо вайрон шудани талаботи қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо роҳи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ман ба даст оварда шудааст ва он ғайриқонунӣ мебошад.

Аввал он ки қарор дар бораи таъин кардани экспертизаи мазкур бо вайрон намудани талаботи моддаи 153-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шудааст. Мувофиқи талаботи қисми 1-и моддаи мазкур, дар сурати мавҷуд будани аломатҳои ҷиноятие, ки доир ба он пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист, мақомоти таҳқиқ ҳуқуқ дорад парвандаи ҷиноятиро оғоз намояд. Таҳқиқбаранда қоидаҳои Кодекси мазкурро ба роҳбарӣ гирифта, ҳаракатҳо, таҳқиқнопазирии тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавиро барои муқаррар ва мустаҳкам намудани изҳои ҷиноят мегузаронад, чунончи: азназаргузаронӣ, ёфта гирифтан, кофтуков, ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ, нишон додан барои шинохтан, шаҳодаткунонӣ, дастгиркунӣ ва пурсиши гумонбаршуда, ҷабрдида ва шоҳидон.

Мувофиқи қисми 1-и моддаи 186-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дар бадани инсон ошкор кардани нишонаҳои махсус, осори ҷиноят, захмҳои ҷисмонӣ, муайян кардани ҳолати мастӣ ё дигар хусусият ва аломатҳое, ки барои парванда муҳиманд, ба шарте ки он муоина кардан (экспертиза)-ро тақозо накунад, мумкин аст шаҳодаткунонии гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида ё шоҳид амалӣ карда шавад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки корманди таҳқиқот, яъне нозири минтақавӣ умуман ҳуқуқи таъин намудани экспертизаро надошт.

Дигар он аст, ки мувофиқи талаботи қисми 1-и моддаи 208-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муфаттиш ҳуқуқи таъин намудани экспертизаро дорад.

Мувофиқи қисми 4-и моддаи мазкур то фиристодани қарор ба муассисаи экспертизаи судӣ муфаттиш вазифадор аст, ки бо он гумонбаршударо шинос намояд ва ба ӯ ҳуқуқи дар моддаи 210-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо фаҳмонад.

Парвандаи ҷиноятӣ нисбати ман аз тарафи муфаттиш танҳо санаи 29-уми ноябри соли 2022 оғоз карда шудааст. Аз ин бармеояд, ки корманди таҳқиқот, яъне нозири минтақавӣ ҳуқуқ надошт, ки бе оғози парвандаи ҷиноятӣ экспертиза таъин кунад. Пас аз оғози парвандаи ҷиноятӣ муфаттиш худ мустақилона экспертизаи комиссионии судӣ-тиббӣ таъин накардааст. Бар замми он, дархости ҳимоятгари ман оид ба таъин намудани экспертизаи судӣ-тиббии комиссионии иловагӣ, ки барои парванда аҳамияти ҷиддӣ дорад, аз тарафи муфаттиш беасос рад карда шудааст, ки хилофи талаботи моддаи 175-и КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ҳолати мазкур дархост бояд қонеъ карда мешуд.

Инчунин, ман зимни шиносоӣ бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ низ айнан бо мазмуни боло, яъне таъин намудани экспертизаи судӣ-тиббии комиссионии иловагӣ, ҳамчун далели ғайриқобил ҳисобидани хулосаи эскпертизаи судӣ-тиббии комиссионӣ таҳти №87 аз 14-уми октябри соли 2022 ва бинобар дар кирдорам мавҷуд набудани аломати таркиби ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаи 110, қисми 2, банди «к» ва 237, қисми 3, банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост пешниҳод намудам, вале ин дархост низ беасос рад карда шуд.

Мувофиқи моддаи 375-и КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ вайрон кардани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ чунин вайронкунии принсипҳо ва дигар муқаррароти умумии Кодекси мазкур ҳангоми пешбурди парванда эътироф карда мешавад, ки бо роҳи маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ба шахсони дар парванда иштироккунанда кафолатдодаи қонун, риоя накардани расмияти пешбурдаи судӣ ё бо роҳи дигар ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва холисонаи ҳолатҳои парванда халал расонида, барои баровардани ҳукми одилонаи суд таъсир расонидаанд ё метавонистанд таъсир расонанд.

Агар экспертизаи судӣ-тиббии комиссионӣ пас аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ва аз тарафи муфаттиш таъин карда мешуд, агар муфаттиш бо қарори таъин намудани экспертиза маро шинос мекард, агар ман ҳуқуқҳои худро ҳамчун шахси гумонбаршуда зимни таъин намудани экспертиза истифода менамудам, пас фикр мекунам, ки талаботи қонун риояшуда ҳисоб мегардид.

Ба ғайр аз ин, бояд қайд намоям, ки хулосаи экспертизаи судӣ-тиббии комиссионӣ санаи 14-уми октябри соли 2022 ба итмом расида, он аз шаҳри Хуҷанд ба ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент санаи 19-уми октябри соли 2022 фиристода шудааст, ки далели ин гуфтаҳо мактуби муассисаи давлатии «Маркази экспертизаи тиббӣ-судӣ»-и вилояти Суғд аз 19-уми октябри соли 2022 мебошад. Агар ба матни хулосаи мазкур таваҷҷуҳ диҳем, чунин бармеояд, ки гӯё Раҷабова П. санаи 31-уми октябри соли 2022 (пас аз 15 рӯзи ба итмом расидани экспертиза ва пас аз 12 рӯзи фиристода шудани он ба ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент) дар шуъбаи ЭТС-и шаҳри Панҷакент аз шаҳодатгардонии иловагӣ гузаронида шудааст.

Дигар он аст, ки хулосаи судӣ-тиббии комиссионӣ таҳти №87 аз 14-уми октябри соли 2022 маълумотҳои ташхис доир ба таркиби хуни ба ном «ҷабрдида» Раҷабова П. аз санаи 2-юми ноябри соли 2022 (13 рӯз пас аз ба итмом расидани экспертиза ва 16 рӯз пас аз фиристода шудани хулосаи экспертиза ба ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент) оварда шудааст. Магар ин ҳама шубҳаовар нест, ки пас аз ба итмом расидани экспертиза ҷабрдида бо ташаббуси кадом нафаре (кӣ буданаш аниқ нест ва ин ғайриқонунӣ аст) боз ба шаҳодатгардонии иловагӣ гузаронида шудааст ва иловатан таҳлили хун кардааст.

(Давомаш дар саҳ. 10)

PRESSA.TJ

Иловатан, зикри ин нукта лозим аст, ки аризаи ба ном "ҷабрдида" Раҷабова П. то суд расид. Аризаи ман бошад, "гум шуд". Аризаи аз тарафи ман навишташуда бечавоб монд. Магар барои ҷавоб гирифтан ба аризаи шикоятии худ дар прокуратура хешу табор доштан лозим аст? Пас, ман ба кучо даъво кунам?

МИНТАҚАВИҲО ЗАРУРАНД?



Дар рафти нишасти матбуотӣ ба Маъруф Ҷаъфарзода - сардори Раёсати молияи вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб чунин савол пешниҳод шуд: “Дар минтақаи Кӯлоб беш аз 40 филиалҳои идораю бахшҳои вилоятӣ мавҷуданд.

Ба болои ин, идораҳои дар шаҳри Бохтар буда ба шаҳру навоҳии Кӯлоб бо ҳар баҳона маслиҳату машваратдиҳӣ ва санҷиш меоянд. Оё ба филиалҳои дар Кӯлоб будаашон боварӣ надоранд?”.

Ба ин пурсиш ӯ чунин посух дод: “Бучети нигоҳдории солонаи филиалҳои бахшу мақомоти вилоятӣ дар минтақаи Кӯлоб 78 миллион сомониро ташкил медиҳад. Дигар ин ки, ҳам идораю бахшҳои вилоятӣ ва филиалҳои онҳо дар минтақа нақшаҳои кории худро доранд. Ин ҷо ягон нобоварӣ несту танҳо ҳар кадомаш аз рӯи нақшаҳояшон фаъолиятҳояшонро пеш мебаранд”.

Аммо ба назари мо зарурати мавҷудияти филиалҳо дар минтақаи Кӯлоб шояд набошад. Беҳтар мебуд бо ин 78 миллион сомонӣ дар минтақаи Кӯлоб 2-3 корхона месохтанд, ки дар ҳар кадомаш 4-5-ҳазорнафарӣ соҳиби ҷои кор мешуданд.

70 СОЛИ ПУРСАМАР



Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи тиббии Кӯлоб имсол 70-сола мешавад. Ба иттилои директори коллеҷ, доктори илмҳои тиб Азиззода Зубайдулло, дар ин муддат ин таълимгоҳи касбиро беш аз 70 ҳазор нафар ба итмом расонида, дар самти ҳифзи сиҳатии омма фаъолият мекунанд.

То имрӯз 11 нафар профессорону докторон, 3 нафар номзадҳои илм дар ин даргоҳ тарбия ёфтаанд. Айни замон ба 3500 нафар донишҷӯён 200 нафар омӯзгорон дарс мегӯянд. Табибони оянда дар 35 муассисаҳои тандурустӣ таҷрибаю малака меомӯзанд.

Дастовардҳои таълимию тарбиявӣ, фарҳангӣ, варзишӣ дар коллеҷ назаррасанд. Аммо нарасидани таҷҳизоти тиббии муосир, аёният, шароит барои пешбурди корҳои лабораторӣ, камии адабиёти муосир ба рафти касбомӯзии табибони оянда халал ворид мекунад.

Умед мебандем, ки вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва маорифу илм дар ҳалли масъалаҳои болоӣ мусоидат мекунанд.

ҚАРОРҲО БЕКОР МЕШАВАНД, ВАЛЕ ГУНАҲҒОРОН БЕҶАЗО МЕМОНАНД



Дар ҳақиқат, хеле нигаронкунанда аст, ки ҳар сол қарорҳои зиёди раисони шаҳру навоҳии минтақаи Кӯлоб бекор мегарданд ва ё ба онҳо эътироз оварда мешавад.

Мисол, дар шаш моҳи соли равон ба 219 қарорҳои ғайриқонунӣ қабул намудаи раисони шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб вобаста ба замин аз ҷониби мақомоти прокуратура эътироз оварда шудааст. Ин бошад, нисбати соли гузашта 151 адад зиёд аст.

Акнун гап сари он меравад, ки дар паси омодасозии ҳуҷҷатҳои ҷудо кардани қитъаҳои замини хонасозӣ, объектҳои иҷтимоӣ муҳру имзоҳои киҳоянд? Пас хеле хуб мебуд, ки баробари эътироз овардан ба қарорҳо ба шахсони парвандаҳоро ба расмият медароварда низ ҷазою ҷаримаҳо муқаррар карда шавад.

Оид ба муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бошад, сардори Кумитаи идораи замин дар минтақаи Кӯлоб Дилшод Ризозода ахборот дод, ки дар нимсолаи якуми соли 2023-юм 4600 адад аризаҳо ворид гардидаанд, ки ба онҳо ҷавобҳои мушахас дода шудааст. 90 адад аризаҳо дар ҳолати санҷишу баррасӣ қарор доранд.

ЧОРВОҲО ЭМ ШУДАНД, ВАЛЕ НОКИФОЯ



Фаттоҳ Саидов, сардори Маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ дар минтақаи Кӯлоб изҳор дошт, ки қариб 300 ҳазор сар чорвои калони шохдор ва наздики 600 ҳазор сар чорвои майда эмгузаронӣ карда шудааст.

Ташвишовар аст, ки бештари қассобон чорворо дар сангобу ҷойҳои номувофиқ забҳ менамоянд. Кор ба ҷое расидааст, ки духтурҳои бозорҳо ба гӯштфурӯшон ҳуҷҷатҳои қалбакӣ медиҳанд. Дар мағозаю дӯконҳои хӯроквории деҳаҳо молҳои муҳлаташон гузашта зиёданд, вале кормандони мақомоти бехатарии озуқаворӣ инҳоро нодида мегиранд.

РАИСОНИ НИШАСТГУРЕЗ

Дар нишастҳои матбуотии минтақаи Кӯлоб аз 30 нафар раисону роҳбарони идораву муассисаҳо 5 нафарашон бо баҳонаи беморӣ аз ин маъракаи барои рӯзноманигорон муҳиму зарур гурехтанд.

Чунин менамояд, ки раисон дудаста курсиҳои мансабро меқапанду бо фаро расидани нишастҳои матбуотӣ «бемор» мешаванд ё ба рухсатии меҳнатӣ мераванд. Ва ҷон халос.

Аксари масъулин аз додани пресс-релизҳояшон (маълумотномаҳояшон) ҳаросу нороҳатӣ доранд. Вақте порсол журналистон аз прокурори вақти минтақаи Кӯлоб Х. Машрабзода маълумотнома пурсиданд, гуфт: «Ман аз кучо ин қадар маълумотнома меорам, ки ба шумо тақсим карда диҳам?».

Тазаккур бояд дод, ки масъулини баргузор намудани нишастҳо дар иҷрои вазифаҳояшон саҳлангорӣ менамоянд. Маҳз бо айби онҳо нишастҳои матбуотии Суди вилояти Хатлон, раисони шаҳри Кӯлоб, ноҳия Восеъ дар рӯзи муқарраргардида доир нашуданд.

Шояд назорат аз болои ин кор аз боло сусту бетаваҷҷуҳ гардида истодааст? Пурсиши охирон ин ки чаро роҳбарон, мансабдорон аз нишастҳо метарсанд?



Нурулло ҲАСАНОВ,
рӯзноманигор

ЧИНОРҲОИ АЗИМҶУССА МОЛИ ТАЪРИХАНД?



Солҳои охир чинорҳои 600-700-сола, чормағз, қарағочу арчаҳои калон-калон бераҳмона буридаву нест карда шуданд.

Чунин ҳолатҳо дар навоҳии Балҷувон, Муъминобод, Ховалинг, Ш. Шоҳин бештар ба назар мерасанд.

Дар баробари ин вазъу ҳолати экологии назди бозорҳои шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Ховалинг, Муъминобод ҷавобгӯи талабот нест. Ба ин гуна пурсишҳо сардори бахши муҳити зисти минтақаи Кӯлоб Қурбон Соҳибов ҷавобҳои саҳеҳу қонеъкунанда надод. Инчунин, муовини директори муассисаи давлатии Хоҷагии ҷангали минтақаи Кӯлоб Ҷумъа Назаров низ оид ба ин гуна масоил ва зараровар ё фоидаовар будани 11 хоҷагии ҷангал шарҳи дурусту аниқ дода натавонист.

Хуб мешуд, ки масъулин ба нишасти матбуотӣ, ки соле ҳамагӣ ду маротиба баргузор мегардад, тайёриҳои ҳаматарафа бинанд.

ҲАМКОРИҲОИ ХОРИҶӢ ТАВСЕА МЕЁБАНД



Тавре ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек иттиллоъ дод, онҳо бо беш аз 95 муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар, марказҳои илмӣ - таҳқиқотии кишварҳои хориҷи дуру наздик, аз қабили Россия, Беларус, ИМА, Олмон, Англия, Чин, Ҳиндустон, Эрон, Туркия, Италия ва ғайра ҳамкорӣ доранд.

Ба болои ин бо панҷ донишгоҳи шаҳри Новосибирск, донишгоҳҳои давлатии омӯзгории ба номи А. Н. Герсен, гидрометеорологии шаҳри Санкт-Петербург, Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Алтай созишномаҳои ҳамкорӣ ба тасвиб расонидаанд.

Дар доираи лоиҳаи «ЭрасмусТриҷҷер»-и Хазинаи Аврупо, дар маркази омӯзишии шаҳри Афинаи Юнон 3 нафар омӯзгорони донишгоҳ таҳсилу таҷриба гирифта омаданд.

Дар назар аст, ки кафедраҳои тахассусӣ, умумидонишгоҳӣ ба таҳияи лоиҳаҳои байналмилалӣ даст зананд. Дар маҷаллаҳои байналмилалии илмӣ нашри мақолаҳо ба роҳ монда шаванд. Айни вақт 14 нафар донишҷӯёни хориҷӣ дар ин муассисаи илмӣ таҳсил доранд. Оянда шумораи онҳо хоҳад афзуд.

МАКТАБИ НАХУСТИНИ ОМӮЗГОРӢ



Якуми сентябри соли 1931 нахустин мактаби дусолаи муаллиматайёркунӣ на танҳо дар минтақаи Кӯлоб, балки дар кулли вилояти Хатлон дар шаҳри бостонии Кӯлоб ба фаъолият оғоз кард. Маҳз дар базаи онҳо дертар донишкадаю коллеҷи омӯзгорӣ таъсис ёфтанд.

Дар давоми 94 соли мавҷудияташ коллеҷи омӯзгориро беш аз 25 ҳазор нафар хатм намуданд. Танҳо имсол 2 факултетро 542 нафар шогирдон хатм карданд.

Латофат Одиназода, директори Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ зимни нишаст гуфт:

“Боиси қаноатмандист, ки 2 нафар имсол рисолаҳои номзадиашонро ҳимоя карда, ҳоло боз 2 нафари дигар дар арафаи ҳимоя қарор доранд”.

Нақшаю ниятҳо хеле хушбинкунандаанд. Толору майдончаҳои варзишӣ, лабораторияи биологӣ, рӯи кор омадани нашрияи «Маърифат», қабули хатмкунандагони синфи 9 аз навгониҳои неки коллеҷанд.

▸▸ *Маълумот*





ДАСТУРИ ШАҲРДОРӢ ИҶРО ШУД?

2-юми август рӯзи таваллуди қуттии почта ба ҳисоб меравад. Зеро ҳамин рӯзи соли 1858 дар Лондон - пойтахти Англия аввалин қуттии почта насб гардид.

Дар замони шӯравӣ қуттиҳои почта як чизи маъмулии рӯзгори одамон ба ҳисоб мерафт. Хоса дар шаҳрҳо. Аммо пас аз истиқлол, рӯзҳои фоҷеабори ҷанги шаҳрвандӣ ва акнун дар заминаи пешрафтҳои технологӣ, дар Тоҷикистон ин қуттиҳо тақрибан нодаркор шуданд.

Воқеан, шаҳрдори Душанбе Рустами Эмомалӣ 9-уми октябри соли 2020 ба гузоштани қуттиҳои почта дар хонаҳои сокинони пойтахт дастур дод.

Ӯ ба сохторҳои марбутаи шаҳрдорӣ дастур дод, ки дар ҳамаи биноҳои истиқоматии пойтахт қуттиҳои почта гузошта шаванд.

Гуфта мешуд дар биноҳои баландошёна ва ҳавлиҳое, ки қуттиҳои почта пештар вуҷуд доштанду сипас канда шуданд, сокинон аз ҳисоби худ қуттиҳоро мегузоранд.

"Қуттиҳои почта дар биноҳои нав низ аз ҳисоби бинокорони манзилҳо гузошта шуда, бе қуттиҳои почта комиссия хонаро ба истифода қабул намекунад. Қуттиҳои нави почта дар якчанд корхонаҳои саноатии шаҳр сохта мешаванд",- гуфта буданд дар шаҳрдорӣ.

Ба саволи дар бораи чӣ зарурат доштани онҳо, дар шаҳрдорӣ посух доданд, ки бо гузоштани қуттиҳои почта мушкили расонидани матбуоти даврӣ ба обуначиён, ки доимо аз нагирифтани газета ё рӯзномае шикоят мекунанд, роҳи ҳалли худро пайдо мекунад.

Ғайр аз ин, шаҳрдорӣ бо ин тасмим ба масъалаи “часпонидани эълонҳои сершумор ва реклама дар дари даромадгоҳ ва деворҳо” хотима бахшиданист.

Ҳамчунин, гуфта мешуд минбаъд нозирон низ расид (квитансияҳо)-и пардохти пули барқ, гармӣ, об ва дигар хизматрасониҳоро ба қуттии почта гузошта метавонанд.

Дар шаҳрдорӣ бар ин назар буданд, ки қуттиҳои почта инчунин барои расонидани огоҳиномаҳо аз мақомоти андозу суд, даъватнома ба артишу маъракаи интихобот ва дигар чорабиниҳо заруранд. Аммо ин дастури шаҳрдор иҷро нашуд.

Раҷаб МИРЗО,
журналист

ШИКОЯТ АЗ БИНОСОЗ

Гурӯҳе аз сокинони шаҳри Душанбе даъво доранд, ки ширкати биносози “Рушди Душанбе” онҳоро фиреб дода, ду сол боз бехонаву дар гузошта аст. Муроҷиати сонинони пойтахтро ахиран “Азия плюс” расонай кард.



Онҳо мегӯянд, ки охири соли 2017 ширкати сохтмонии “Рушди Душанбе” хонаҳои онҳоро тахриб карда, ба ҷояш ду бинои 20 ва 22-ошёна сохт.

Дар асоси шартнома, сохтмони бино бояд соли 2021 ба анҷом мерасид. Аммо то ҳол бино пурра сохта нашудааст. Бар замми ин, ду сол инҷониб сохтмони бинои мазкур боздошта шудааст.

Соҳибмулкон гуфтаанд, ки масъулини ширкат ваъда медиҳанд, ки сохтмони биноро ба поён расонида, ба сокинон месупоранд, вале “дар амал корашон маълум нест”.

Ёдовар мешавем, ки раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ чанде қабл зимни суханронии худ дар иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе маҳз аз мавқуф гузоштани корҳои сохтмонӣ дар иншооти пойтахт нигаронӣ карда буд.

ПАРВОЗҲОИ НАВИ “СОМОН ЭЙР”

Ширкати "Сомон Эйр" пас аз шаш сол парвозҳоро ба фурудгоҳи Жуковский сар мекунад.

Бино ба иттилои ширкати мазкур, аз 15 август парвозҳо дар масири Душанбе-Маскав (фурудгоҳи Жуковский) ва дар самти муқобил сурат мегирад.

Аз 19 август парвозҳо ба Алма-Ато рӯзҳои чоршанбе ва шанбе ва аз 3 сентябр парвозҳо ба Ҷидда дар як ҳафта се маротиба - рӯзҳои сешанбе, чумъа ва якшанбе анҷом дода мешаванд.

Ҳоло ҳавопаймоҳои "Сомон Эйр" аз Тоҷикистон ба Русия, Олмон, Эрон, Чин, Ҳиндустон, Қазоқистон, Амороти Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ, Туркия ва Ӯзбекистон парвоз мекунанд.



▸▸ *Аз нишастҳои матбуотӣ*

ВУРУДИ САЙЁҲОН БА ТОҶИКИСТОН ЗИЁД ШУД



Вуруди сайёҳони хориҷӣ дар зарфи 6 моҳи соли равон нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 беш аз 34% афзудааст.

Раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Тоҷикистон Камолиддин Муминзод зимни нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ҳудуди 628 ҳазор нафар ба Тоҷикистон омадаанд.

“Дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2022 ин нишондиҳанда 181 ҳазору 867 нафар зиёдтар аст. Аз ин 487 ҳазору 403 нафарашон сайёҳон мебошанд, ки нисбат ба 6 моҳи соли гузашта 124 ҳазор нафар ё худ 34,2% зиёдтар мебошад. Ҳудуди 34 ҳазор нафар аз кишварҳои хориҷи дур ва боқимонда зиёда аз 453 ҳазор нафар аз кишварҳои ИДМ омадаанд”,- хабар дод Муминзод.

Ба панҷгонаи кишварҳое, ки шаҳрвандонашон зиёдтар ба Тоҷикистон омадаанд, Ӯзбекистон - 368 ҳазор нафар, Русия - ҳудуди 65 ҳазор, Қазоқистон, Туркия ва Чин шомил шудаанд.

ГИРИФТАНИ НАФАҚАИ ФАВТИДАГОН ОШКОР ШУД



Дар соли равон аз ҷониби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Тоҷикистон 4 ҳолати гирифтани нафақаи фавтидагон аз ҷониби наздикони онҳо ошкор гардидааст.

Дилмурод Давлатзода, директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Тоҷикистон дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки ҳолатҳои мазкур бинобар сабаби нофаҳмии наздикон ба миён омада, ҳангоми гузаронидани санҷиш нафақаи онҳо бозпас гардонида шудааст.

Гуфта шуд, ки ба ҳолати 1-уми июли соли 2023 теъдоди умумии нафақагирон дар ҷумҳурӣ ба 768 ҳазору 976 расида, талаботи моҳонаи нафақа дар як моҳ 261,2 миллион сомониро ташкил намудааст. Ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,9 млн сомонӣ зиёд аст.

Ёдовар мешавем, ки шумораи нафақагирон дар ҷумҳурӣ ба ҳолати моҳи июли соли равон 769 ҳазор нафар ҳисоб шудаст.

Аз ин шумора ҳудуди 20% ё худ 159,5 ҳазор нафарро маъюбон ташкил медиҳанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли пешӣ 0,1% кам мебошад.

САНҶИШИ 493 МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ



Соли равон Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Тоҷикистон дар 493 муассисаи таълимӣ санҷиши сифати таҳсил гузаронидааст.

Ҳадаф муайян намудани сифати дониш ва сатҳи донишазхудкунии хонандагону донишҷӯён аст.

Дар ин бора директори Агентии номбурда Маҳмадтоир Саидзода зимни нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон иттилоъ дод. Ба гуфтаи Маҳмадтоир Саидзода, аз натиҷаи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ ва санҷишҳои сатҳи сифати таҳсил бармеояд, ки нисбат ба солҳои қаблӣ дар самти таъмини асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ, таъминот бо кадрҳои омӯзгорӣ ва адабиёти таълимӣ, сифати таҳсил ва сатҳи донишазхудкунии хонандагону донишҷӯён нишондиҳандаҳои мусбат ба мушоҳида мерасанд.

«Дар натиҷа 68 муассисаи таълимӣ ба муҳлати 2 сол шартан аз аттестатсия гузаронида шуда, амали иҷозатномаи 4 муассиса дар асоси қарори ҷаласаи ҳайати мушовараи Агентӣ бозхонд ва қатъ шуд»,- иброз дошт директори Агентӣ.

Навгонӣ

АВРУПО МАЛАХХЎРИРО ИҶОЗАТ ДОД

Дар Аврупо аз орди малах таҳияи маҳсулоти нонӣ расман иҷозат дода шуд ва ҳоло ба қавле мӯд шудааст.



Мутахассисону муҳаққиқони саноати хӯрокворӣ исботи илмӣ намудаанд, ки таркиби орди малах моломоли протеин аст. Айни замон 1 кг орди мазкур 137 евро арзиш дорад. Даҳҳо сохибкорон дар саросари Аврупо пайи таҳияи фермаҳои малахпарвариянд.

Барои тавлиди 1 кг орд 10 000 малахро бояд қурбон кард. Дар омади гап, дар шариати ҳамаи динҳо ин ҳашаротро ҳалол, тиби мардумӣ хӯрдани онро ба чандин касалиҳо даво медонад. Аз ҷумла дар "Канзи шифо" омадааст:

"Малах - ин ҷонвар (ҳашарот) ба ҳама маълум мебошад. Мизоҷаш дар дараҷаи дувум гарм ва хушк аст. Хислатҳои шифобахши он: хӯрдани малах қуввати боҳ мебахшад, баданро аз ахлоти ғафсгашта пок мекунад, бемориҳои қасабаи шушро ба ибро меоварад; чакмезакро шифо мебахшад. Дувоздаҳ адад малахро бол, пой ва сари онро канда дур намуда, бо 3,5 грамм кӯфтаи самари хушки мӯрд ё кӯфтаи барги хушки он бихӯранд, истискоро (водянкаро) дафъ месозад; инчунин барои иллати махав фоида мебахшад. Малахро бо пойҳояш кӯфта бимоланд, озах, доғи кунчидак ва қӯтури пӯстро дафъ менамояд, хусусан сӯхта, бо сирко сиришта бимоланд, қавитар мегардад. Даруни зочаи тухмашро кӯфта, ба доғи кунҷидак бимоланд, онро дур месозад. Малахи фарбеҳи беболи онро бирён карда бихӯранд, барои каждумгазида нафъ дорад".

Абдуқодири АБДУҚАҲҲОР (Ориёмеҳри Зардушт)

Бозёфт

“ТОҶИК” ДАР ЭҶОДИЁТИ УНСУРӢ


Қадимтар аз Шайх Саъдӣ (асрҳои XII-XIII), вожаи “тоҷик” дар қасидаи “Дар мадҳи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ”-и Маликушшуаро Унсурӣ (асри XI) дар байти 87 зикр шудааст:

Зи Чину Мочин якрӯя то лаби Ҷайҳун,
Зи турку тоҷик аз туркману ғузу хазар.
Ду хону лашкари эшону дах дувоздах мир,
Биёмаданд размҷӯи ҳама ҷу антар...

Сайидамир БОҚИЕВ

Нигаронӣ

ХАРБУЗА



Биё, боре тамошо кун, дило, бозори харбуза,
Халад хори ғамат бар дида аз озори харбуза.
Агар пурсӣ зи нархаш, зуд аз он рӯй гардонӣ,
Наорӣ дар миён, то зиндай, гуфтори харбуза.
Бувад нархаш гарону таъми хуш дар он намеёбӣ,
Аташро кам насозад қатраи анҳори харбуза.
Сари худро маяфкан пеш чун Мансур дар пояш,
Баранд боло дар ин бозори олам дори харбуза.
Халад бар дидаи савдогарон, эй кош, дар бозор,
Ба вақти касфиребиҳои онҳо хори харбуза.
Ба шодӣ мерасӣ, бинӣ агар харбузаро дар хоб,
Забону ком ширин созӣ аз гуфтори харбуза.
Агарчи гурдаро суде бувад аз хӯрданаш, эй ёр,
Дар ин айёми буҳронӣ шудам безори харбуза.
Қаноат мекунам бо косаи обу лаби ноне,
Нагардам дар ҷаҳони хеш ғамбемори харбуза.


Исмоил ЗАРИФӢ

“ТАРОЗУИ ЧАШМ”-И ДАВЛАТ САФАР

Маҷмӯаи ашъори шоири хушзавқи тоҷик Давлат Сафар барои ҳамзабонон ва ҳоводорони шеъри ноб дар Ҷумҳурии Исломии Эрон таҳти унвони "Тарозуи чашм" бо сарсухани Шоири халқии Тоҷикистон устод Камол Насрулло аз чоп баромад.

Дар ин маҷмӯа намунаи беҳтарин рубоиҳо, ғазалҳо, қитъаҳо ва манзумаҳои шоир гирдоварӣ шудааст.

Раҳмоналӣ Шералиев



ИМТИЁЗҲОИ АДИБОНИ ТОҶИКИСТОН ВА ЎЗБЕКИСТОН

Имтиёзҳои аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон

1. Ҳамасола Ҳукумати шаҳри Душанбе ба адибоне, ки дар ҳудуди пойтахт зиндагӣ мекунанд, 150 сомонӣ барои пардохти хидматҳои коммуналӣ медиҳад.

Имтиёзҳои аъзои Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон

1. Узви Иттифоқи нависандагон бо оилаи худ метавонад ҳар сол 48 рӯз дар хонаи эҷодии “Дӯрмон” истиқомат ва эҷод кунад. Нархи хонаҳои оддӣ бо се маҳал хӯрок дар як рӯз 58000 сӯм (тахминан 58 сомонӣ). Барои хонаҳои полюкс 80000 сӯм (тахминан 80 сомонӣ).

2. Барои узви Иттифоқ ва аҳли оилаи ӯ поликлиникаи махсус вуҷуд дорад. Хизматрасонии тиббӣ ройгон аст.

3. Иттифоқ дорои фонди “Эҷод” аст ва китобҳои аъзои Иттифоқ аз ҳисоби фонд ба нашр мерасанд.

4. Аъзои Иттифоқ ҳар сол 12 рӯз дар осоишгоҳи “Зомин” бо нархи имтиёзнок истироҳат кунанд, яъне онҳо 20-25 фоизи нархи муқарраршударо пардохт мекунанд.

5. Ба аъзои Иттифоқ бо тартиби муқарраркардашуда ёрии моддӣ расонида мешавад.

Ато МИРХОҶА,
муовини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон

Ҳама чиз дар бораи IT



Муаллифи гӯша:
Максим ШУМСКИХ,
Директори генералии ширкати байналмилалии IT «Матадор»
Аз ҳама ҷолиб дар Telegram:
t.me/matador_it

БАРОИ ТАҲИЯИ СОМОНА ТАНЗИМГАРРО ЧӢ ГУНА БОЯД ИНТИХОБ КАРД?

Хуб, шумо тасмим гирифтед, ки барои тиҷорати худ сомона бисозед ва акнун бояд муайян намоед, ки ин корро кӣ мекунад. Албатта, шумо метавонед ин корро худатон иҷро кунед, аммо чунин лоиҳа дар назари иштирокчиёни бозор ба таври касбӣ ба назар намерасад ва шумо ба ҳар ҳол бояд муҳити эҷодиро омӯзед.

Меъёрҳои асосии интихоб кадомҳоянд?

1. АРЗИШИ ХИЗМАТРАСОНӢ

Албатта, ин яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарин аст. Нарх дар бозор аз пасттарин то баландтарин бозӣ мекунад. Ва ин ҷо савол ба миён меояд, ки чаро?

Нархҳои паст одатан аз ҷониби фрилансерҳо ё ширкатҳои хеле хурди дорои як, ду ё се корманд пайдо мешаванд. Дар онҳо арзиши хизматрасонӣ паст аст, аммо сифат ҳам метавонад ҳамон хел, яъне паст бошад. Дар хотир дошта бошед, ки як ё ду нафар наметавонанд сомонаи касбӣ таҳия созанд. Инҷо фаъолияти тамоми коллективи мутахассисони гуногунсамт лозим мешавад.

2. ГУРӮҲИ ЛОИҲАВӢ

Чӣ гуна одамон сомона месозанд? Ба ҳайати касбӣ мутахассисони зерин дохил мешаванд: маркетологи интернет, ки тиҷорати шуморо меомӯзад ё аллакай медонад, дизайнере, ки заминаи графикиро барои сайти шумо эҷод мекунад, дизайнери макет, ки тасвирро ба тарҳбандии html табдил медиҳад, то он дар интернет дуруст намоиш дода шавад, барномасозе, ки сомонаро зинда мекунад ва рамз менависад, озмоишгар, ки кори дурусти ҳамаи модулҳоро месанҷад ва менеҷери лоиҳа, ки ҳама чизро идора мекунад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо такя ба ақли солим дарк намудан осон аст, ки як нафар чунин кори гуногунсамтаро иҷро карда наметавонад. Пас, нарх ҳам наметавонад паст бошад, зеро ҳамаи мутахассисон барои кор кардан дар лоиҳа маош мегиранд.

Барои ҳамин, муайян намоед, ки чанд нафар дар сомонаи шумо кор хоҳанд кард ва ихтисоси онҳо чист.

3. МУНОСИБАТИ КАСБӢ

Ин маҷмӯи аломатҳои ғайримустақим аст, ки тавассути онҳо шумо сатҳи танзимгарро эътироф карда метавонед:

Суръати посухҳо. Агар онҳо аллакай дар марҳилаи фурӯш бо шумо оҳиста муошират кунанд, пас суръати кор пас аз бастани шартнома эҳтимол ҳамон тавр хоҳад буд. Ширкатҳои хуб ба дархостҳои муштариён зуд ва фаъолона посух медиҳанд.

Салоҳиятнокӣ. Кормандони шумо то чӣ андоза бо шумо бо касбият муошират мекунанд, оё истилоҳҳои техникиро медонанд, оё онҳо тиҷорати шуморо мефаҳманд, оё шумо бо онҳо бароҳат ҳастед ва ба саволҳои шумо муфассал ҷавоб медиҳанд?

4. БАСТАИ МАЪЛУМОТ ВА ТАВСИЯҲО

Меъёри хеле муҳими интихоб бастаи кори ширкат мебошад. Онро бодиққат омӯзед, ки чӣ гуна лоиҳаҳои миқёсӣ сохта шудаанд, оё танзимгар аз минтақаи тиҷорати шумо сомонаҳо дошт, ки ин барои шумо бартарии муайян хоҳад буд. Агар таҳиягарони сомонаҳо танҳо барои тиҷорати хурд захираҳои интернетӣ эҷод карда бошанд ва шумо як ширкати миёна ё калон дошта бошед, пас имкони хеле зиёд вучуд дорад, ки онҳо наметавонанд ба шумо роҳи ҳалли мушкилоти тиҷоратро пешниҳод кунанд.

Дар мавриди тавсияҳо бошад, бояд гуфт, ки онҳо хислати омехта доранд. Шумо набояд ба онҳо кӯр-кӯрона бовар кунед ва лоиҳаро ба ширкате диҳед, ки он аллакай барои хешовандон, дӯст ё ҳамкасбони шумо сомона сохта бошад. Соҳаҳои гуногуни тиҷорат, миқёси лоиҳа ё нофаҳмии оддӣ метавонанд танҳо зараровар бошанд.

Ҳатто агар танзимгар ба шумо тавсия шуда бошад ҳам, ҳатман ӯро ҳадди ақал аз рӯйи меъёрҳои дар ин мақола тавсифшуда бисанҷед.

Умедворам, ин маҷмӯаи тавсияҳо барои шумо рӯйхати оддие хоҳад буд, ки бо ёрии онҳо барои сохтани сомонаи худ бо муваффақият танзимгар интихоб мекунед.

Памфлет



«ШУКРОНА» КУНЕД, КИ... БОЙ ДОДЕД...

... Баъзан одам аз "тавбаи насуҳ" ҳам гузашт мекардааст... Албатта, бо "васвасаи шайтон".

Сӣ сол пеш аҳд карда будам, ки дигар ҳаргиз на ба "абрака дабрака"-ҳо ва на ба "қизили сангаю қароси манга" ва дигар намудҳои "пулкоркунии" бедарди миён наздик намешавам. Ин қавли худро то рӯзи 6-уми август мардак барин нигоҳ доштам. Аммо...

Дар он рӯзи наҳс гузорам ба фурӯшгоҳи "Садбарг" афтод ва маҳз дар ҳамон ҷо қурбонии "Шукрона" шудам.

Вақте ғарқи хаёл аз он ҷо гузар мекардам, садои марде маро ба худ оварда: "Ака, шуморо як дақиқа мумкин? Шахси табаррук менамоед, як бо дасти муборакатон ҳамин коғазро боз кунед...". Аз афташ, "шахси табаррук" гуфтанаш форид, ки ба назди ӯ, ки дар назди дӯкончаи сайёри чатрдоре меистод, рафтам. Он ҷо ҷавонмарди чорпаҳлуе, ки "куҳро занад, талқон мешавад", бовиқор менишаст ва ба фурӯши "коғазҳои сеҳрнок" машғул буд. Коғазчаи сӯзанакзадаеро, ки мард ба ман дароз кард, кушодам. Дар дохилаш "500 сомонӣ" навишт шуда буд. "Ин ба ман?",- пурсидам аз он ҷавон. "Не, ин аз они ин кас",- ба марди маро "табаррукӣ" гуфта ишора намуд.

"Ана, ҳоло агар шумо ҳам даҳ сомонӣ партоед ва агар шумораи он ба ин шумораҳо дуруст гирад, соҳиби чаҳорсад сомонӣ мешавед",- ба тахтаи болои мизаш ишора намуд "коғазфурӯш". Ман, ки бори аввал ин бозиро медидам, чӣ гуфтанамро надонистам. Дудилагии маро ҳис карда, марде, ки он замон "бо дастони мубораки ман" соҳиби 500 сомонӣ шуда буд, гуфт:

- Акаҷон, гиред, дастатон баракат доштааст, ман ҳам бо шумо ҳамроҳ мешавам, шонсамон баландтар мешавад ва шояд аз ду рақам яке "красний" ғалтад.

Ман даҳ сомонӣ дода, як коғаз гирифтам ва он марди пулбурида низ. Аммо бо амри тақдир ва ё амри он паҳлавони сари деги "лохотрон" ҳарду коғаз ба рақамҳои "чёрний" афтод. Соҳиби коғазҳо гуфт: "Агар ҳоло бист сомонӣ партоеду ин бор коратон омад кунад, якбора соҳиби 800 сомонӣ мешаваед". Дидам, ки "ҳамроҳи" ман аз бой додан ғамгин нашуда буд ва маро ба бозии нав даъват кард:

- Ҳеҷ мумкин не, ки боз бахтамон омад накунад, биёед бистсомонигӣ мепартоему боз як бори дигар мебинем...,- бо табассуме, ки морро аз хонааш мебарорад, ба ман бо гардани кач муроҷиат намуд "напарникам".

Ҳарчанд намехостам аз охирин бистсумаам ҷудо шавам, аммо шуълаи умедро дар зери хокистари ноумедиҳо дида, "э, биёее..." гуфтаму онро болои миз партофтам. Боз ҳам ноомади кор...

Бо дили пурармон он ҷойро тарк кардан шудам, ки аз пасам фарёд шуд: "Ҳой амакӣ! Биё, 50-и дигар парто, соҳиби 1000 мешавӣ, пулат намесӯзад...". "Не, пулам аллакай сӯхт, акнун ба ҷои як кило ним кило гӯшт мебарам" гуфтам.

Фаҳмидам, ки он шайтонмарди дар ҷустуҷӯи "дасти табаррук" буда рафиқи ман нею "рафиқи хирс" будааст. Он дам ба ёдам тавбаи насуҳам расид ва фаҳмидам, ки онро шикастаму ба дом афтодам...

...Чанд сол пеш ВКД маъракаи бонатиҷаеро бар зидди найрангбозони кӯчагӣ ба роҳ монда буд ва ин шикорчиён аз кӯчаю бозорҳои пойтахт нест шуда буданд. Аммо ҳоло мавҷи дуюми онҳо бо "либоси қонунӣ" зуҳур кардааст. Аз ҷумла, ҳамон "гӯлзанхонаи" тасвиркардаи мо, ба қавли ҷавонмарди коғазфурӯш, моли ҷамъияти "Шукрона" будааст.

А. АҲМАДЗОДА

Инфографика

5 МАҲСУЛОТЕ, КИ СОДИРОТАШОН ХЕЛЕ ЗИЁД ШУДААСТ

Дар нимсолаи аввали соли 2023 содироти саноатӣ 678,6 миллион долларро ташкил додааст.

Дар ин бора 8-уми август дар нишасти хабарӣ раиси Оҷонсии содироти Тоҷикистон Баҳридин Сирочиддинзода изҳор дошт.

Ӯ 5 маҳсулотеро номбар кард, ки содироташон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта хеле зиёд шудааст:





Аз нишастҳои матбуотӣ

10 ПАТЕНТИ ОЛИМОНИ АМИТ БАРОИ ИХТИРООТ



Дар шашмоҳаи аввали соли 2023 аз тарафи олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 10 патенту нахустпатент барои ихтироот ба даст оварда шудааст.

Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ иттилоъ дод.

Зимни нишаст гуфта шуд, ки ҳамчунин дар давраи ҳисоботӣ 4 қарори мусбат оид ба додани патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтироот гирифта шуд. Дар ин давра олимон аз рӯйи 113 мавзуъ, аз ҷумла 68 мавзуи илмӣ-таҳқиқотии бунёдӣ, 17 мавзуи илмӣ-таҳқиқотии амалӣ ва 28 мавзуи илмӣ-таҳқиқотии бунёдию амалӣ фаъолиятро идома дода, натиҷаҳои назаррас ба даст овардаанд.

ШИКВА КАРДАНӢ НЕСТАМ, АММО...



Дар мавсими даъвати баҳорӣ наздики 700 донишҷӯ баъди хатми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи кишвар пайвастанд.

Дар ин бора Давлатзода Сайфиддин, ректори Донишгоҳ дар нишасти матбуотӣ зикр кард. Ӯ афзуд, ки "ман шиква кардан нестам. Вале ҳанӯз масъулини мақомоти маҳаллӣ, комиссариат ва мизҳои ҳарбӣ монеа эҷод мекунанд".

Дар ҷамоати деҳоти Золи Зари ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бача дохил шудааст. Мизи ҳарбӣ мегӯяд, ки ту аввал хизмат мекунӣ. Ин ҳуқуқи шаҳрвандӣ, ҳуқуқи донишҷӯй аст. Ин хел рафтор бо мо ҳеҷ вақт созанда буда наметавонад".

ДБСТ ЖУРНАЛИСТ ОМОДА МЕКУНАД



Дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ихтисоси нав - «Рӯзноманигори байналмилалӣ» ташкил шуд.

Қабули довталабон ба ин ихтисоси журналистика соли оянда роҳандозӣ мегардад.

Ректори донишгоҳи номбурда Убайдулло Асрорзода дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки то соли оянда барои ин ихтисос тамоми шароити илмӣ - таълимӣ муҳайё хоҳад шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки Донишгоҳ дар вилоятҳои Суғду Хатлон ду коллеҷ - Коллеҷи саноат ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шаҳри Левакант ва Коллеҷи сайёҳӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шаҳри Хуҷанд таъсис додааст.

Сироҷиддин Икромӣ:

БОНК МИЁНАРАВ АСТ, НА МОНОПОЛИСТ!

Аз бартарият то мушкилоти гузаштан ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ, қарзҳои ипотека, пасандоз ва кортҳои ройгон аз масоили асосӣ дар нишасти матбуотии Корхонаи воҳиди давлатии Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» буданд. Раиси бонки мазкур Сироҷиддин Икромӣ ин ва дигар масоили бонкиро зимни нишасти хабарӣ ошкоро шарҳ дод.



15,3 млн қарзи ипотека

Дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дода шуд, ки Амонатбонк ба маблағи 15,3 млн сомонӣ ба 72 нафар қарзи ипотека додааст. Сироҷиддин Икромӣ, раиси Амонатбонк гуфт, ки “чунин қарздиҳиро мо аз кормандони худ, ки собиқаи корӣ зиёд доранд, оғоз намудем. 42 нафар бо шартҳои имтиёзнок, яъне 8%-и солона ипотека гирифтаанд. Ба мизоҷони дигар ипотека бо дигар шартҳо пешниҳод мешавад: 10%-и солона бо асъори хориҷӣ ва 20%-и солона бо пули миллӣ ба муҳлати 10 сол. Шарти ҳатмии гирифтани ипотека пешпардохт аз ҷониби мизоҷ дар ҳаҷми 30% аз маблағи умумии хона мебошад”.

Икромӣ зикр кард, ки мизоҷон метавонанд ипотекаро ба муҳлати кӯтоҳтар низ гиранд. Зеро кам будани муҳлат ба сарфа аз фоизҳо имкон медиҳад. “Дар умум,- таъкид дошт ӯ,- Амонатбонк барои қарзи ипотека аз ҳисоби сармояи худ 100 млн сомонӣ ҷудо кардааст. Бонк наметавонад аз ҳисоби пасандозҳои ҷалбшуда ипотека диҳад, зеро муҳлати баргардонидани ин маблағҳо аз се сол зиёд нест. Ҳаҷми пасандозе, ки шахсони ҳуқуқию воқеӣ дар ҷамъбасти нимсолаи аввали соли равон дар Амонатбонк нигоҳ медоранд, дар муқоиса бо соли қаблӣ 34% зиёд шудааст”.

Пасандозу пешниҳоди қарз рӯ ба афзоиш аст

Бақияи пасандозҳои шахсони ҳуқуқию воқеӣ дар Амонатбонк ба 4,9 млрд сомонӣ баробар шудааст. Аз ҷумла, пасандозҳои аҳолӣ зиёда аз 2 млрд сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12% афзоиш ёфтааст. Таъкид шуд, ки аҳолӣ бо нигоҳдории миллиардҳо дар бонки мазкур ба андозаи миллионҳо сомонӣ суд мегиранд.

"Фоизҳои ба аҳолӣ пардохтнамудаи Бонк дар давраи ҳисоботӣ 39,5 млн сомониро ташкил медиҳад, ки ба сатҳи даромади аҳолӣ ва ҳамзамон баланд гардидани сатҳи некӯаҳволии онҳо мусоидат намуда истодааст",- таъкид намуд раиси Амонатбонк.

Дар баробари ин, бонк дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ аз ҳисоби захираҳои дохилию хориҷӣ қариб ба 27 ҳазор муштарӣ ба андозаи беш аз 993 млн сомонӣ қарз додааст. Ҳаҷми қарзҳои додаи Амонатбонк дар нимсолаи аввали соли равон дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта аз 12% зиёдтар аст. Бештари қарзҳои бонк барои соҳаҳои саноат - наздики 29%, кишоварзӣ - 28%, истеъмолӣ - 20%, сохтмон - 15%, тиҷорат - 8 % пешниҳод гардидаанд.

Фоизи солонаи қарзҳо бо сомонӣ аз 10 то 24 ва бо доллар аз 4,5 то 10%-и солона ҳисоб карда шудааст.



Низомсоз ва дар ҷойи аввал

Соли равон Амонатбонк ба зиёда аз 13 ҳазор корхонаю ташкилот, 789 ҳазор нафар нафақагирони мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, зиёда аз 1,9 миллион нафар амонатгузорон хизмат расонидааст. Ин хизматрасонӣ тавассути 75 филиал ва 548 маркази хизматрасонии бонкӣ бо шумораи беш аз 3000 нафар корманд дар тамоми манотиқи Тоҷикистон сурат гирифтааст.

Сироҷиддин Икромӣ афзуд, ки дар ин давра Амонатбонк, ки амалисозандаи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат мебошад, тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз моҳи январи соли 2023 яке аз ташкилоти қарзии низомсоз эътироф шуд ва аз рӯи раддабандӣ дар ҷои аввал меистад.

Пардохти ғайринақдӣ ва мушкили он

Сироҷиддин Икромӣ дар ростои гузаштан ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ иброз дошт, ки Амонатбонк ва дигар бонкҳои кишвар нақши миёнаравро бозӣ мекунанд. “Маблағи хизматрасониро шаҳрвандон ба бонкҳо месупоранд, ин ё он ниҳод қабул мекунад. Вазифаи бонк танҳо қабули маблағ аз шаҳрвандон ва гузаронидан ба ниҳоди дахлдор аст. То имрӯз бонкро яккатоз ва монополист медонанд, ки ин нодуруст аст. “Амонатбонк сиёсати иҷтимоии давлатро пеш мебарад. Мо ҳатто рӯзҳои истироҳат ба кор мебароем, то мардум мушкил накашанд. Кадом бонке, ки мехоҳад дар паҳлуи мо бошад ва дар амалисозии низоми пардохти ғайринақдӣ саҳм гузорад, ҷонибдорӣ мекунем”,- изҳор дошт раис.

Аз корти ройгон то бартарии “Амонатмобайл”

Амонатбонк ҳоло ҷиҳати рушди пардохтҳои ғайринақдӣ 855 нуқтаи қабули пардохтҳоро агар дар ҳудуди Тоҷикистон будубош дошта бошанд, ҳатман аз Вазорати корҳои дохилӣ ба бонк маълумотнома бояд пешниҳод кунанд. Баъд бонк имкон дорад, ки барояшон корти бонкӣ диҳад. Ё тибқи талаботи Кодекси андоз, агар онҳо зиёда аз 180 рӯз дар ҳудуди Тоҷикистон бошанду ба ин ё он намуди фаъолияти соҳибкорӣ машғул ва супорандаи андоз бошанд, мо барояшон корти бонк медиҳем. Албатта, дар рафти пардохтҳои ғайринақдӣ мушкилӣ пеш меояд, давра ба давра бартараф мекунем”,- таъкид намуд раиси Амонатбонк.

Сироҷиддин Икромӣ дар ростои гузаштан ба падохтҳои ғайринақдӣ аз он изҳори нигаронӣ кард, ки бархе Амонатбонк ҳоло ҷиҳати рушди пардохтҳои ғайринақдӣ 855 нуқтаи қабули пардохтҳоро ташкил медиҳад, ки 1 098 адад ва барои шахсони воқеӣ 1 461 адад расида, дар ин давра шумораи амалиётҳо 8 877 адад ва гардиши онҳо 1 814 ҳазор сомониро ташкил намудааст.

Ҷиҳати хизматрасонии саривақтӣ ба мизоҷон, ба миқдори 167 ҳазор адад кортҳои беноми «Фарогир» интишор гардида, ба филиалҳо дастрас карда шуд. Барномаи «Амонатмобайл» хизматрасониҳо ва маҳсулоти бонкӣ, аз ҷумла пардохтҳои андоз, коммуналӣ, интиқоли маблағҳо тавассути кортҳо, пардохти қарз, идоракунии фосилавии суратҳисобҳои шахсӣ, ҳамёни электронӣ, пардохт тавассути QR-рамз ва ҳамгироиро бо иқтидорҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ таъмин менамояд. Ҳоло истифодабарандагони ин барномаи мобилӣ ба беш аз 390 ҳазор нафар расидааст.

Пайвастшавии бомароми ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба хизматрасонии Интернетбонк роҳандозӣ шуда, айни ҳол 8044 ташкилоту корхонаҳои ҷумҳурӣ ба он пайваст шудаанд. Барнома барои сармуҳосибон ва масъулини корхонаҳою ташкилотҳо имконияти ба таври фосилавӣ (онлайн) гузаронидани супоришномаҳои пардохтӣ ва музди меҳнатро фароҳам меорад.

Усмон РАҲИМЗОДА

ФОҶЕА ДАР КӮЛОБ

Илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ... имкон дошт?

Бар асари садамаи нақлиётӣ, ки соати 19:30 дақиқаи рӯзи 6-уми август дар роҳи Душанбе - Кӯлоб - Хоруғ рух дод, 11 нафар ҳалок шуда, 12 нафар ҷароҳат бардоштанд. Ҳодисаи мазкур дар назди бозори "Сомонӣ"-и шаҳри Кӯлоб ба вуқуъ пайваст...

Ҳодиса чӣ тавр рух дод?

Тавре ВКД Тоҷикистон хабар медиҳад, мошини боркаш бинобар сабаби аз кор баромадани маҷмӯи боздории (тормоз) воситаи нақлиёт, пайдо гардидани носозии техникӣ ва аз уҳдаи идора намудани воситаи нақлиёт набаромадани ронанда ба садама дучор гаштааст.

Гуфта мешавад, автомашинаи "Дулан" якчанд воситаи нақлиётро пахш намуда, вориди ду манзили зисти шаҳрвандон мегардад, ки дар натиҷа зарари ҷонӣ ва молӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар яке аз ин манзилҳои зист он рӯз маросими хурсандӣ буд. Дар як лаҳза тӯй ба мотам табдил ёфт...

Ба гуфтаи шоҳидони ҳодиса, мошини боркаш аз нишебии самти ноҳияи Шамсиддини Шоҳин бо суръати баланд поён шудааст ва дар назди бозори "Сомонӣ"-и Кӯлоб ба самти муқобили роҳ ҳаракат карда, чандин мошинро пахш карда, ду манзили зистро тахриб кардааст.

Дар маълумоти ВКД зикр мегардад, ки вобаста ба ин ҳодиса аз ҷониби мақомоти прокуратура парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, тафтишоти пешакӣ ба роҳ монда шудааст.

Илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ

Пас аз ба вуқуъ пайвастани ин фоҷеа дар шабакаҳои иҷтимоӣ сарусадои зиёде ба вуҷуд омад. Бисёриҳо суол мекарданд, ки имкон дошт, ки ин фоҷеа ҷилавгирӣ карда шавад? Зеро хатарзо будани нишебии роҳи ноҳияи Шамсиддини Шоҳин то даромадгоҳи шаҳри Кӯлоб мавзуест, ки борҳо матраҳ гардидааст. Ин маҳалест, ки на як маротиба чунин воқеа иттифоқ афтодааст. Чанд моҳ пеш ҳам мошини боркаш аз сабаби канда шудани тормозҳояш ба садама дучор шуда буд. Фақат он замон ронанда кӯшиш кард, ки ба дигарон зарар нарасонад ва чамбаракро ҷониби дарахтзор тоб дод. Худаш ва ҳамроҳаш қурбон шуданд, вале ҷони даҳҳо нафар наҷот ёфт.

Гап дар сари ин он ки дар ин роҳи сарнишеб ҳатто як таваққуфгоҳи садамавӣ нест, ки дар ҳолатҳои изтирорӣ ронандагон дар он паноҳ бичӯянд.

Дигар масъала вазни бори мошинҳост. "Фура" ва "Дулан"-ҳое, ки аз ин шоҳроҳ убур мекунанд, аз меъёри муқаррргардида зиёд бор мекунанд. Тарозуҳо бошанд, бо гирифтани маблағи муайян чашм мепӯшанд.

Тибқи муқаррарот мошинҳои боркаш ба хотири ҷилавгирӣ аз ҳодисаҳои нохуш ва нигаҳдории роҳҳо дар даврааи тобистон набояд тариқи шоҳроҳҳо ҳаракат кунанд, вале тавре сокинон мегӯянд, "Дуланҳо" ҳамарӯза роҳат аз маркази Кӯлоб мегузаранд.

Яъне даҳҳо сабабе ҳаст, ки боиси сар задани чунин садама шудааст ва агар масъулин дар идома чунин бепарвогӣ зоҳир кунанд, имкон дорад, ки борҳои дигар такрор ёбад.



PRESSA.TJ РӮЙХАТИ ФАВТИДАГОН ВА ҶАРОҲАТБАРДОШТАГОНИ САДАМАИ ШОМИ 6-УМИ АВГУСТ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБРО ДАСТРАС КАРД

ФАВТИДАГОН:

1. **Бобоназарова Сайёра**, соли таваллудаш 1974, сокини шаҳри Кӯлоб;
2. **Сайфова Бебунисо**, соли таваллудаш 1970, сокини шаҳри Кӯлоб;
3. **Эргашов Шуҳратҷон**, соли таваллудаш 1986, сокини ноҳияи Рӯдакӣ;
4. **Абдуллоев Олимҷон**, соли таваллудаш 1987, сокини ноҳияи Муъминобод;
5. **Одинаева М.**, соли таваллудаш 1967, сокини шаҳри Кӯлоб;
6. **Гулов Муболшо**, соли таваллудаш 2000, сокини шаҳри Кӯлоб;
7. **Нирмадиев Шоҳрӯз**, соли таваллудаш 1998, сокини шаҳри Кӯлоб;
8. **Каримов Фурқат**, соли таваллудаш 2004, сокини шаҳри Кӯлоб;
9. **Розиқов Аминҷон**, соли таваллудаш 2003, сокини шаҳри Кӯлоб;
10. **Ёров Абӯбакр**, соли таваллудаш 2009, сокини шаҳри Кӯлоб.

ҶАРОҲАТБАРДОШТАГОН:

1. **Ҷумаев Файзалӣ;**
2. **Ёров Сафаралӣ;**
3. **Бобохонов Алиҷон;**
4. **Сӯфиев Қурбон;**
5. **Мадинаи Ҷумахон (баъд аз як рӯз дар бемористон фавтид);**
6. **Муминзода Шоҳрух;**
7. **Ахунов Сухроб;**
8. **Ҳусейнов Ҳусейн;**
9. **Ҷӯраев Бахтиёр;**
10. **Фаридуни Ҷамолиддин;**
11. **Бакиров Хуршед;**
12. **Қурбонов Орзу;**
13. **Мирзоҳусейнов Толибҷон.**













ТУҲМАТИ ГӮШНОШУНИД

(Аввалаш дар саҳ.3)

Бояд бигӯям, ки ман Раҷабова П.-ро назадаам. Ба бемориҳои герпес ва цитомегаловирус гирифтор будани Раҷабова П. сабаби исқоти ҳамл намудани нобурда гардиданаш аз эҳтимол дур нест, ки ин ҳолат умуман мавриди ташхис қарор нагирифтааст. Инчунин, бояд қайд намоям, ки зимни таҳлили хуни Раҷабова П. дар таърихи 2-юми ноябри соли 2022 (пас аз чандин рӯзи ба итмом расидани экспертиза) ҷиҳати муайян намудани ҷой доштани бемории герпес таҳлил гузаронида нашудааст, ки низ шубҳаовар мебошад.

Мувофиқи талаботи қисми 3-и моддаи 243-и КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи моддаи 175-и кодекси мазкур муфаттиш ҳуқуқ надорад ҳуқуқи қонеъ намудани дархостро дар бораи муайян кардани ҳолатҳое, ки барои парванда дорои аҳамият мебошанд, рад кунад. Дар чунин ҳолатҳо муфаттиш вазифадор аст тафтиши пешакиро пурра намояд, зимнан бо маводи парвандаи ҷиноятӣ шинос шудани иштирокчиёни дигари мурофиа ба ҳалли дархост ва дар сурати ҳал гаштани он ба гузаронидани тафтиш монеъ намешавад.

Бобати айби ба ман эълоншуда бо моддаи 237, қисми 3, банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаминро гуфтанӣ ҳастам, ки зимни баҳси байни ман ва Раҷабова П. ҷойдошта ягон хел ҳолати беэҳтиромии хоса ба чамъият ва меъёрҳои қабулшудаи ахлоқ ҷой надошт. Ман нисбати ягон кас бехурматӣ зоҳир накардаам. Болои ин, ташаббускори баҳс низ худи ба ном «ҷабрдида» Раҷабова П. ба ҳисоб меравад.



Инчунин, илова кардани ҳастам, ки ман бо телефон ба сари Раҷабова П. назадаам. Агар бо телефон ба сари Раҷабова П. се-чор маротиба зарба зада мешуд (аз нишондодҳои Раҷабова П.), пас дар ин қисмати бадани нобурда ягон доғ пайдо мегардид.

Вале агар ба хулосаи экспертизаҳои гузаронидашуда нигарем, дар онҳо оиди дар ин қисмат гирифта шудани чароҳат умуман маълумот нест, чунки ман Раҷабова П.-ро на бо телефон, на бо ягон предмети дигар назадаам. Тафтишот телефонро ҳамчун предмети ба сифати яроқ истифодашаванда ҳисоб намуда, ба ман айб эълон кардааст, ки гӯё ман ҳаракати авбошонаро бо истифода аз предмети ба сифати яроқ истифодашаванда расонидаам. Ин нуқтаи назар низ нодуруст аст. Ман умуман ба Раҷабова П. чароҳати ҷисмонӣ нарасонидаам. Дар сурати ҷой доштани чунин ҳолат низ телефонро ҳамчун предмети ба сифати яроқ истифодашаванда ҳисобидан нодуруст аст.

Умуман, ҳукми Суди шаҳри Панҷакент аз 24-уми феврали соли 2023, ки дар асоси моддаи 67, қисми 3-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи қисман зам кардани ҷазоҳо ба ман, яъне Эгамова Зарина Ҳодихоновна ҷазои ниҳоӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 8 (ҳашт) солу 6 (шаш) моҳ бо адо намудани ҷазо дар колонияҳои дорои низомаш умумӣ таъин кардааст, ноадолатонаву рӯякист.

Иловатан, зикри ин нукта лозим аст, ки аризаи ба ном "ҷабрдида" Раҷабова П. то суд расид. Аризаи ман бошад, "гум шуд". Аризаи аз тарафи ман навишташуда бечавоб монд. Магар барои ҷавоб гирифтан ба аризаи шикоятии худ дар прокуратура хешу табор доштан лозим аст? Пас, ман ба кӯҷо даъво кунам?

Чаро аз рӯйи аризаи шикоятии ман экспертизаи судӣ-тиббӣ гузаронида нашуд? Ба Прокуратураи генералӣ ариза навиштаму то ҳол ҷавобро интизорам. Бо нусхаи аризаи шикоятиам ба прокурори шаҳри Панҷакент мурочиат кардам, то ҳол ҷавоб нест. Дар суд саволҳои аз тарафи ҳимоятгари ман пешниҳодшуда бечавоб монданд. Ба суд ягон гинеколог ва судэкспертҳои хулосанавишта даъват карда нашуданд. Барои чӣ!?

Ба ҳамин хотир, хостам қазияи ман расонаӣ шавад, то дар асоси он мақомоти масъул ба мушкилотам расидагӣ намоянд ва ба мавзуи мазкур баҳои асоснок, боадолатонаву воқеӣ диханд.

Зарина ЭГАМОВА,
сокини шаҳри Панҷакент,
шаҳраки Суғдиён, модари 3 нафар фарзанди хурдсол

▸▸ *Аз нишастҳои матбуотӣ*

ВАЗИР НОРАСОИИ ТАБИБОНРО ШАРҲ ДОД



Дар муассисаҳои тандурустии Тоҷикистон норасоии бархе аз мутахассисон ҷой доштааст.

Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода зимни нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки дар кишвар 2298 табиб ва 575 ҳамшираи тиб намерасад. Абдуллозода норасоии табибонро дар шаҳру навоҳӣ ва вилоятҳо тавзеҳ дода, гуфт, ки аз ҷумла дар Душанбе 49 табиб ва 35 ҳамшираи тиб намерасад.

- Норасоии табибон дар вилояти Хатлон ба 788 табиб баробар буда, масъалаи норасоии ҳамшираи шафқат дар вилоят пурра ҳал шудааст,- гуфт вазир.

Вилояти Суғд ба 579 табиб ва 54 ҳамшираи тиб ва ноҳияҳои тобеи марказ ба 412 табибу 319 ҳамшираи шафқат ниёз доранд. Илова бар ин, дар муассисаҳои хусусӣ 149 пизишк ва 67 ҳамшира намерасанд.

Ӯ гуфт, ки ба табибони баъзе ихтисосҳо дар дигар кишварҳо низ талабот зиёд аст ва барои ҳамин қисме аз мутахассисон ба муҳочират мераванд. Дар фехрасти чунин мутахассисон аз ҷумла духтурони оилавӣ, терапевт, кардиолог, реанематолог, момодоя ва ғайра ном бурда шуданд.

ҶАЙҲУН: ҶАЛБИ ОМӮЗГОРОН АЗ БАДАХШОН



Дар назар аст, ки то оғози соли таҳсил аз Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон 60 омӯзгор ба муассисаҳои таълимии ноҳияи Ҷайҳун ҷалб шаванд.

Абдулҳафиз Одиназода, раиси ноҳияи Ҷайҳун рӯзи 8-уми августи соли равон дар нишасти хабарӣ гуфт, ки то имрӯз 10 омӯзгор ҷалб шудааст. Ӯ мегӯяд, дар назар аст, ки то моҳи сентябр боз 50 омӯзгори дигар ҷалб карда шавад.

«Муовини раиси ноҳия якҷо бо мудири шуъбаи маориф ба Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон рафта буданд, то омӯзгоронро ба муассисаҳои таълимӣ ҷалб кунанд. Мо барои онҳо шароити хуби зиндагиро таъмин мекунем»,- афзуд ӯ.

Умед Эшонзода, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷайҳун дар як суҳбат ба Pressa.tj гуфт, ки то имрӯз 4 омӯзгори фанни математика, 2 омӯзгори таърих ва 4 омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба ноҳия омадаанд. Ба таъкиди вай, боз 50 омӯзгори дигар ваъдаи омадан кардаанд.

Омӯзгорон аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷайхун бо замини наздиҳавлигӣ таъмин мешаванд.

ЧАРО ҚАБУЛИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДДТТ ЗИЁД ШУД?



Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон соли равон теъдоди қабули донишҷӯёнро 500 нафар зиёд кардааст.

Ректори донишгоҳи мазкур Маҳмадшоҳ Гулзода дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки агар соли гузашта 1500 донишҷӯ қабул шуда бошанд, имсол ин рақам ба 2000 нафар расонида шуд.

«Аз ҷумла, қабули довталабон ба факултетҳои педиатрия зиёд шудааст, зеро дар ҷумҳурӣ духтурони педиатрӣ, инчунин оид ба тиби профилактикӣ намерасанд. Ҳалли мушкилот, аз қабили COVID-19 нишон медиҳад, ки дар ин факултетҳо мутахассисон хеле кам ҳастанд»,- гуфт ӯ.

Ҳамчунин, дар нишасти матбуотӣ ректор волидайни донишҷӯёни донишгоҳро даъват намуд, ки ба дарсҳо ҳозир шудани фарзандони худро ҷиддӣ назорат намоянд.

«Дар донишгоҳ системаи автоматикунонидаи идораи таълим фаъол аст. Дар ҳуҷраи электронии донишҷӯ баҳо ва иштирокаш дар дарсҳо ҳамарӯза сабт мешавад. Баъзе ҳолатҳое мешавад, ки бо сабаби давомоти нокифоя донишҷӯён хориҷ мешаванд. Волидон пас аз ду моҳ хабардор шуда, ба донишгоҳ мурочиат менамоянд»,- гуфт ӯ.

65 ҲАЗОР ПОРА ГИРИФТУ БО 68 ҲАЗОР ОЗОД ШУД

Суди ноҳияи Рӯдакӣ мудири собиқи раёсати маорифи ин ноҳия Иқболи Неъматуллоро, ки ба гирифтани пора аз мудирони 36 мактаби миёна айбдор мешуд, ба маблағи ҳамагӣ 68 ҳазор сомонӣ ҷарима баста, аз толори додгоҳ озод кардааст.

Ин маблағ ҳамагӣ 3 ҳазор сомонӣ бештар аз 65 ҳазор сомонӣ маблағҳои собитшудаест, ки Иқболи Неъматулло баробари расидан ба мақоми мудири Раёсати маорифи ноҳияи Рӯдакӣ аз мудирони чанд мактаб талаб карда, гирифта буд. Чунин хукм дар шабакаҳои иҷтимоӣ сарусадои зиёдеро ба бор овард.

ТОҶИКРО ЮҒ ЗАДА, ҒОРАТ КАРДАНД

Прокуратураи кишвари Краснодари Русия рӯзи 5-уми августи соли 2023 аз анҷоми тафтиши парвандаи се ҷавони тоҷик хабар дод.

Ин се нафар рӯзи 17-уми декабри соли 2022 бо баҳонаи зиёфат як ҳамватани 41-солаашонро ба манзили иҷора даъват карда шиканҷа додаанд. Онҳо бо пистолети Макаров ва корди шикорӣ таҳдид карда, ба гарданаш юғ (хомут) зада, дасту пояшро бо латта баста, аз кисаҳои ҷабрдида пулу моли ӯро ба маблағи 680 ҳазор рубли русӣ ва ба далели норӯшане шиносномаи ӯро ҳам, ки шаҳрвандии Русияро доштааст, кашида гирифтаанд.

ЯК ОДАМИ “ДИЛШОДИ КРАСАВЧИК” ДАСТГИР ШУД

Прокуратураи генералии Тоҷикистон рӯзи 7-уми августи соли 2023 дар бораи дар Туркия боздошт ва ба Тоҷикистон оварда шудани боз як узви гурӯҳи “Дилшоди Красавчик” хабар дод.



Дар иттилоияи маркази матбуоти Прокуратураи генералӣ чунин гуфта мешавад: “Дар натиҷаи гузаронидани амалиётҳои фаврӣ-тафтишотии мақомоти ҳифзи хукуқи кишвар узви дигари гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ марбут ба рабудан ва куштори муовини аввали роҳбари ҶСК «Ориёнбонк» Исматуллоев Шуҳрат Абдуғафорович - шаҳрванд Сафаров Бахтовар Назарович, соли таваллудаш 5-уми марти соли 1995 (қаблан барои содир намудани муомилоти ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор маҳкум шудааст), дар ҳудуди Ҷумҳурии Туркия дастгир ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода шуд. Номбурда як рӯз пас аз содир намудани ҷиноят - 24-уми июни соли 2023 тавассути кишварҳои ҳамсоя ба Ҷумҳурии Туркия фирор намуда буд”.

Манбаъ афзуд, ки то имрӯз дар доираи тафтиши парвандаи ҷиноятӣ шахсияти роҳбар ва 15 узви гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ муайян ва 13 нафари онҳо дастгир ва ба ҳабс гирифта шудаанд.

Ёдовар мешавем, ки муовини раиси ҶСК “Ориёнбонк” Шуҳрат Исматуллоев рӯзи 23-юми июн, тахминан соати 20:10 дар кӯчаи Закариёи Розии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе рабуда шуд.

То ба ҳол ҷасади Шуҳрат Исматуллоевро дар дарёи Зарафшон, сар аз ноҳияи Айнӣ то сарҳади Ӯзбекистон ҷустуҷӯ доранд.

МАРГИ ПУРАСРОРИ САРБОЗ

Ҷасади Абубакр Ҳусейнзодаи 22-сола, як сарбози қисми ҳарбии неруҳои марзбонӣ воқеъ дар ноҳияи Мастчоҳро ба пайвандонаш супурдаанд.



Ҷасади ӯро рӯзи 5-уми август дар зодгоҳаш, деҳаи Овчии ноҳияи Деваштич, баъди ташхиси тиббӣ ба хок супоридаанд. Наздиконаш гуфтаанд, ки Абубакр Ҳусейнзода як фарзанд дорад ва баҳори имсол пас аз хатми Донишкадаи иқтисод ва савдо дар шаҳри Хуҷанд довталабона ба артиш рафта буд. Ӯ ният доштааст, ки пас аз хидмат дар артиш дар бонкҳои маҳаллӣ кор кунад.

Мақомот расман ҳодисаи марги сарбозро шарҳ надодаанд, вале ҳангоми супурдани ҷасад сардори қисми марзбонӣ гуфтааст, ки Абубакр “дар долони бинои қисми низомӣ ногаҳон афтод ва мурд”. Падари сарбози фавтида ба ин бовар надорад ва мегӯяд, ки дар пушти сар ва гардани писараш осори зарб намоён буд.

МАРДИ ТОҶИК МАЪШУҚАИ СОБИҚАШРО 6 КОРД ЗАД

Шаби 5-уми августи соли 2023 як марди тоҷик дар як пивохона дар шаҳри Челябински Русия маъшуқаи собиқашро бо марди дигар дида, аз ғояти рашк ӯро 6 корд задааст.

Нашрияи “74.ru” аз қавли шоҳидон хабар дод, ки шаҳрванди Тоҷикистон аз мулоқоти маъшуқаи собиқаш Оксана бо як марди дигар хабар ёфта, соати чори шаб ба кӯчаи Энтузиастҳо омадааст. Баъдан сари қаҳр занро аз мӯяш кашола карда, 6 зарбаи корд задааст. Баъди ин марди тоҷик аз ҷои ҳодиса фирор кардааст ва ҳоло дар ҷустуҷӯ қарор дорад. Табибон барои наҷоти ҷони Оксана талош доранд.

ҶАМШЕДИ КОНИБОДОМӢ ҚУРБОНИ ҶАНГИ УКРАИНА

Зодаи шаҳри Конибодоми вилояти Суғди Тоҷикистон Ҷамшедҷон Юлдошев дар Украина кушта шудааст.

Дар ин бора рӯзи 1-уми августи соли 2023 дар гурӯҳи “Конибодом шаҳри ман!” дар “Фейсбук” ҳамсинфаш Соҳиба Қодирова бо нашри ду акс хабар дод. Дар яке аз ин аксҳо марҳум либоси ҳарбӣ ва ҷавшан бар тану хӯд (каска) бар сар ва автомат дар даст дар канори ҷангале сабт шудааст. Акси дуюм акси марқади Ҷамшедҷон Усмонов аст. Соҳиба Қодирова дар бораи кай, чӣ гуна ва дар кучои Украина кушта шудани ҳамсинфаш маълумоте надодааст.

Аз нишастҳои матбуотӣ

КОҲИШИ ШУМОРАИ ТАЛОҚ ДАР КИШВАР



Дар нимаи аввали соли 2023 дар Тоҷикистон бори аввал дар ду соли охир шумораи талоқҳо коҳиш ёфта, шумораи ақди никоҳ баръакс афзудааст.

Музаффар Ашӯриён, вазири адлияи Тоҷикистон рӯзи 8-уми августи соли 2023 дар нишасти хабарии ин вазорат гуфт, ки дар 6 моҳи аввали соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ 32 ҳазору 151 ақди никоҳ сабт шудааст. Ин назар ба нимсолаи аввали соли 2022 қариб 2000 бештар аст. Дар нимаи аввали соли гузашта дар Тоҷикистон 30 ҳазору 266 ақди никоҳ сурат гирифта буд.

Дар айни замон, ба гуфтаи Ашӯриён, дар нимаи аввали соли ҷорӣ шумораи талоқҳо дар кишвар қариб 2 ҳазор коҳиш ёфтааст. Дар 6 моҳи аввали соли 2023 дар ҷумҳурӣ 5 ҳазору 370 оила фурӯ пошидаанд. Ин назар ба 7025 талоқи дар нимаи аввали соли 2023 сабтшуда 26 фоиз, ё 1895 маврид камтар аст.

Афзоиши мавридҳои талоқ ва фурӯпошиҳои оилаҳои ҷавон дар ҷумҳурӣ, ки дар солҳои қабл ба назар мерасид, нигарониҳои зиёдеро дар ҷомеа ба бор оварда буд.

“ТОҶПРОМБОНК” РАСМАН МУФЛИС ЭЪЛОН ШУД



“Тоҷпромбонк“ расман муфлис эълон шудааст. Қарори муфлисшавии ин бонкро Суди иқтисодии шаҳри Душанбе рӯзи 1-уми август содир кардааст. Дар ин бора Рустам Мирзозода, раиси Додгоҳи олии иқтисодии Тоҷикистон хабар дод.

Рустам Мирзозода дар нишасти матбуотии қаблӣ, моҳи феврали соли равон гуфта буд, ки ба “Тоҷпромбонк” то моҳи июни соли 2023 муҳлат барои адо кардани уҳдадориҳояш дода шудааст.

Он замон ӯ зикр карда буд, ки аз болои “Тоҷпромбонк” 246 нафар шаҳрванд шикоят доранд ва 37 млн сомонӣ қарзи ин бонк бокӣ мондааст.

Судяи Суди иқтисодии шаҳри Душанбе Зулфия Саидзода, ки қарори муфлисшавии “Тоҷпромбонк”-ро имзо кардааст, иброз намуд, ки ин бонк дар асоси аризаи Бонки миллии Тоҷикистон муфлис эълон шудааст.

Ӯ афзуд, ки парвандаи муфлисшавӣ ҳудуди 7 сол баррасӣ гардид (3-юми марти соли 2017 оғоз шуда буд) ва дар ин муддат 5 ҳазору 726 нафар беш аз 148 млн сомонӣ маблағи амонати ҳудро, ки дар бонк буд, бозпас гирифтанд.

БАҲСИ МАРЗ КАЙ ҲАЛ МЕШАВАД?



Айни замон ҷараёни таъйин ва аломатгузорӣ дар сарҳад байни Тоҷикистон ва Қирғизистон идома дорад. Ҷонибҳо то ин дам шарҳу тавзеҳи лоиҳавии боз 101,86 километр қитъаҳои баҳсноки сарҳадро ба имзо расонидаанд.

Дар ин бора раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Тоҷикистон Ориф Хоҷазода хабар дод.

Ба гуфтаи ӯ, дар зарфи ним сол 5 вохӯрии комиссияи топографӣ гузаронида шуда, “гуфтушунидҳо дар фазои дӯстона ҷараён доранд”.

Хоҷазода изҳори итминон кард, ки ин мушкил ба наздикӣ роҳи ҳалли худро меёбад.

Аввали соли 2022 Ориф Хоҷазода хабар дода буд, ки аз 1-уми майи соли 2022 мувофиқи санад (протокол)-и №39, Тоҷикистон ва Қирғизистон 81 километри сарҳадро мушаххас карданд.

Масофаи сарҳади байни Тоҷикистон ва Қирғизистон тақрибан 970 километрро ташкил медиҳад. Айни замон 519 километр хати сарҳади давлатӣ мушаххасу муайян ва аз ҷониби ҳарду давлат эътироф шудааст. Боқимонда - зиёда аз 400 километри хати сарҳад баҳснок шуморида мешавад.

КАТАРАКТА



Сабабҳои пайдоиш ва роҳҳои пешгириву табобат

Катаракта яке аз бемориҳои паҳншудатарини чашм дар байни одамони синну соли калон ба ҳисоб меравад. Хонандагони саҳифаи “Канзи шифо” вобаста ба ин беморӣ суолҳои зиёд медиҳанд. Мо шарҳи табиби Бемористони Ибни Сино Шаҳло Бобоҷоноваро доир ба ин беморӣ пешкаши шумо мекунем.

Булӯраки чашми инсон - ин линзаи табиие мебошад, ки нурҳои рӯшноиро ба воситаи худ мегузаронад. Булӯраки чашм дар байни инабия ва ҷисми шишамонанд ҷойгир мебошад. Бо мурури сол хирашавии биниши одам зиёд мегардад. Агар сари вақт чашмҳо муолиҷа карда нашаванд, ин ба нобиноӣ оварда мерасонад.

Мутобиқи маълумотҳои ташкилотҳои байналмилалии тандурустӣ 17 миллион нафар одамон баъди синни 40-солагӣ гирифтори ин беморӣ мебошанд. Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки катаракта сабаби нобиноии 20 миллион одамон гардидааст!

Сабабҳои пайдоиши катаракта:

- Осебҳои чашм (кимиёвӣ, механикӣ, контузиявӣ);
- Бемориҳои эндокринологӣ;
- Ирсият;
- Нурҳои радиологӣ, захролудшавии токсилогӣ;
- Ҳолатҳои номусоидии экологӣ;
- Тамокукашӣ;
- Бемориҳои гуногуни чашм.

Нишонаҳои катаракта:

Юнониҳои қадим ин бемориро KATARAKTES номидаанд, ки тарҷумаи он аз забони юнонӣ маънои шаршараро дорад. Ҳангоми катаракта чашмҳо хира дида, инсон олами берунаро ҳамчун аз паси шишаҳои обрасида мебинад. Бо “пухта расидани” катаракта ранги гавҳараки чашм ба ҷои шаффоф будан сафед мешавад

Зинаҳои катарактаи синусолӣ:

- Катарактаи аввала. Хирашавии қисми поёни булӯраки чашм. Биноиш хуб аст.
- Катарактаи наврасид. Хирашавии қисми маркази булӯрак. Дар ин ҳолат биноиши чашм 60 - 70 дарсад кам мешавад.
- Катарактаи пухта. Тамоми булӯраки чашм хира мегардад, ки бемор фақат равшаниро мебинаду халос.
- Катарактаи пухтарасида. Дар ин ҳолат вайроншавии таркиби булӯраки чашм мушоҳида гардида, булӯрак шакли яклухти сафедро мегирад.

Инкишофи катаракта

Аз рӯи маълумотҳои ҷарроҳони чашм, дар 12 дарсади беморон катарактаи аз ҳад зиёд пухтарасида мушоҳида мешавад. Дар 15 дарсади беморон бошад, инкишофёбии сусти катаракта мушоҳида мегардад, ки ин ҳолат 10 - 15 сол тӯл мекашад. Дар 70 дарсади беморон инкишофёбии катаракта давоми 6 - 10 сол дида мешавад. Дар ин ҳолат ҳатман ҷарроҳӣ кардан лозим аст.

Ташхиси катаракта

Тарзи асосии ташхиси катаракта - ин муоинаи узвҳои равшанигузаронӣ ва қаъри чашм дар равшании баланд ба воситаи асбоби махсуси биомикроскопӣ мебошад. Нури равшанӣ ба воситаи ин асбоб якчанд маротиба зиёд гардонида, қисмҳои дохилии чашм муоина карда мешаванд.

Муолиҷаи катаракта

Ҳоло дар марказҳои офталмологӣ ин беморӣ бо роҳи ҷарроҳӣ муолиҷаи худро меёбад. Ин ҷарроҳӣ бо тарзи факоэмулсификатсия анҷом дода мешавад. Асоси ин ҷарроҳӣ дар он аст, ки булӯраки хирашудаи чашм ба булӯраки сунъӣ иваз карда мешавад. Ин амал бо беҳискунонии мавзеӣ гузаронида шуда, бемор ин ҳолатро бо сабукӣ мегузаронад.

ЧАНД ФОИДАИ ШАРБАТИ ПОМИДОР

- **Иммунитетро баланд мебардорад ва авитаминозро пешгирӣ мекунад;**
- **Сатҳи муқаррарии қанди хунро нигоҳ медорад;**
- **Токсинҳо ва моеъи зиёдатиро аз бадан хориҷ мекунад;**
- **Ҳозимаро беҳтар мекунад;**
- **Фишори хунро муътадил мегардонад;**
- **Пайдоиши лахтаҳои хунро пешгирӣ мекунад;**
- **Муқовимат ба стрессро зиёд мекунад;**
- **Ба талафи вазн мусоидат мекунад;**
- **Самаранокиро зиёд мекунад;**
- **Хавфи пайдоиши варамҳоро коҳиш медиҳад.**



Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафта барои ба анҷом расонидани масъалаҳои муҳим, бастани шартномаҳо, шиносоӣ бо нафарони даркорӣ мусоид мебошад. Агар нафаре аз шумо кумак пурсад, рад накунед ва нисбати заифиву гумроҳии дигарон босабр бошед.



Савр
21.04 - 21.05

То охири ҳафта худро бад ҳис карда, аз бемадориву беқувватӣ ба мақсад расида наметавонед. Айни замон тамоми корҳои худро як тараф гузошта, аз пайи беҳтар сохтани вазъи саломатиятон шавед, вақту қуввai худро беҳуда сарф накунед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Дар давоми ҳафта диққати атрофиёнро ба худ ҷалб насозед ва тавре рафтор намоед, ки касе аз буданатон дарак наёбад. Танҳо бо ҳамин роҳ бурд мекунед. Ҳафтаи душвореста барои рафъи мушкилоти рӯзгор. Ба ҳар коре даст назанед, коратон барор намегирад.



Саратон
22.06 - 23.07

Дар тӯли ҳафта дар ҷойи кору дар оила беҳтар шудани вазъиятро эҳсос мекунед. Дар ҳаёти шахсӣ росткору самимӣ бошед. Вақти пинҳонкориву гапҳои нотамом нест. Тавре рафтор намоед, ки нафари ба ҷону дил баробаратон ба муҳаббати шумо шакку шубҳа накунад.



Асад
23.07 - 22.08

Вазъи саломатиятон нохуб гашта, корҳоятон низ чандон хуб намешаванд. Аз ҷониби дигар саховатмандиву дилкушодии шумо диққати нафарони ачибро ба шумо ҷалб месозад. Баъзеҳо ба нафарони ниёзманд кумаки моддӣ мерасонанд.



Сумбула
23.08 - 22.09

Шуморо рӯзҳои ачибу пурмаҳсул дар пеш аст. Аз масъулият доштану истифода бурдани шиносҳо ва ба дигарон таъсир расонидан натарсед, он гоҳ муваффақ мегардед. Миёнаи ҳафта қуввату мадори зиёд эҳсос мекунед, ба назаратон кӯҳро зада талқон кардан осон мегардад.



Мизон
25.09 - 22.10

Дар ин ҳафта ҳар коре, ки дар зиндагиятон рух медиҳад, решаашро чуқур санҷида, бодиққат бошед, вагарна ба иштибоҳ рох медиҳед. Аксари мизонҳо дар ин рӯзҳо худро нороҳату бесарпаноҳ ҳис мекунанд. Ба мушкилиҳои хурд диққат надиҳед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Ҳафта аз вохӯриву сафар ва баррасӣ намудани нақшаҳои наве, ки дар сурати кӯшиш ба харҷ доданатон амалӣ мегарданд, бой аст. Дар баробари ин, мушкилиҳо низ зиёд мешаванд. Нафаре аз миёни дӯстон ё наздикон дар рафъи мушкилаш аз шумо кумак мепурсад.



Қавс
25.11 - 21.12

Ҳафта барои нафароне, ки корашон бо вохӯриву баромад кардан алоқаманд аст, давраи хуб аст. Барои хуб нигоҳ доштани вазъи иқтисодӣ бояд заҳмати зиёд кашед. Истироҳат кунеду қуввати худро барқарор созед, вагарна худро ба мисли лимуи ҷабида эҳсос мекунед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар ин ҳафта зимни масъалаҳои кориву дар робита бо атрофиён мушкилӣ сар мезанад. Хушбахтона шумо аз мушкилиҳо намеҳароседа ва омода ҳастед аз пайи рафъ карданашон шавед. Ин хислататон хуб аст, вале сари эҳсосот ба ғалат рох надиҳед.



Далв
21.01 - 19.02

Аз мехрубониву муносибати хуби аҳли оила ҳаловат мебардоред. Мутаассифона, на ҳамаи ҳодисаҳои дар ин ҳафта рухдода ба фоидаи шумост. Дар ин рӯзҳо ба ҳуҷҷатҳои муҳим имзо нагузоред. Аз имкон дур нест, ки бадхоҳону рақибонатон аз пушти шумо иғво меангезанд.



Ҳут
20.02 - 20.03

Қариб тамоми ҳафта шуморо лозим меояд, ки мушкилиҳои иқтисодиро ҳал кунед. Баъзе ҳутҳоро мушкилоти пулӣ ба идораи суду судбозиҳо мебарад. Илова бар ин, бо сардори корхонаатон муноқиша карданатон дар назар аст.

ОЛИМИ САТҲИ ҶАҲОНӢ

Аввалҳои солҳои 80-уми асри гузашта ходимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон Бобоназари Бобохон (Бобо Назари Ғафор) ва Додихудо Саймиддинов пас аз анҷоми давраи коромӯзӣ ва хатми аспирантура аз шаҳрҳои Ленинград ва Москва ба Душанбе баргаштанд.



Ин ҷавонони воқеан илмдӯст бо азми росих дар ичрои нақшаҳои илмии худ талош меварзиданд, бо ҳамон нерӯи дониши худ дар семинару конфронсҳову симпозиумҳо пиромуни мушкилоти мубрами эроншиносӣ ва фаротар аз он суҳбат меоростанд.

Мавзуи баҳси Бобо Назари Ғафор ағлаб ба ҳалли проблемаҳои доираи забонҳои ҳиндуаврупоӣ иртибот мегирифт, бо истинод ба забонҳои Юнони бостон, Ҳинди бостон, форсии қадим ва Ависто андешаҳои хешро мустанад иброз медошт. Аз маърӯзаҳои пурмуҳтавои ӯ ҳозирон дар шигифт ҳам мемонданд, зеро акнун тоҷикеро медиданд, ки монанди ховаршиносони маъруф М. Н. Боголюбов, В. А. Лившитс, И. М. Оранский, В. С. Расторгуева, Л. Г. Герсенберг, С. Н. Соколов дақиқу фасеҳ суханронӣ мекард.

Бобо Назар назди мо, алоқамандони таърихи забон, эҳтиром дорад, ҳастии ӯ мояи ифтихори мост. Бо таълифоти пуразришаш ошно ҳастем.

Мавсуф мегӯяд: «Нахостаам ҷуз забономӯзӣ вақтро ба кори дигар гузаронам. Ҳоло ба такмили забонҳои омӯхтаам машғулам. Такмили забон ин асареро ба тоҷикӣ ё русӣ баргардондан ва ҳамзамон, пажуҳише дар он забон анҷом додан, маводи ҳирфавиро аз он забон фароҳам овардан аст. Бегумон, агар он забони соҳибхати куҳан бошад. Пиромуни таъриху фарҳанги скифҳо бо шарҳу тавзеҳи муфассали таърихӣ - этнографӣ, географӣ - орографӣ, лингвистӣ - этимологӣ асареро ба тоҷикӣ баргардондам. Ва тақрибан 130 - 140 этимологияи нав ҳам пайдо кардам. Дигар, ҳар сол чанд ҳафта барои фаро гирифтан ба такмили забони Ависто машғул мешавам, аз пойгоҳи тоза пажуҳидан мехоҳам. Ба пиндори ман, бе Ависто дониши пурраро дар таърихи дину мазҳабҳои машҳури дунё соҳиб шудан мумкин нест. Суфизм аз ҳама бештар ба омӯзиши Ависто ниёз дорад. Ин нуктаро бо китоби тозаэҷодам бо унвони «Прилйудиаи Маснавӣ» росих гардондаам».

Бобо Назар забономӯзиро мисли эҷоди мусиқӣ ва шеър медонад. Забонҳои лотинӣ, англисӣ, немисӣ, фаронсавӣ, юнонӣ, италиянӣ, испанӣ ва туркиро пурра фаро гирифтааст. Забони русиро чун забони модариаш медонад. Дар навиштаҳояш барои қиёс ба забонҳои скандинавӣ ва ирландӣ ва монанди инҳо ҳам ручуъ мекунад.

Аз феҳристи таълифоташ бармеояд, ки нахуст ба тарҷумаи илмӣ пардохта, пасон ба баргардонҳои бадеӣ даст задааст. Осори илмии ба тоҷикӣ нашркардаи ӯ, ба монанди «Номаҳои Бостон» (нашрияи ДМТ, 2010), «Шоири Хуросон» («Ирфон», 2010), «Кеши зардуштӣ» («Ирфон», 2011) дастраси мост. Ҳам медонем, ки «Куҳан Ависто», «Зардуштизм протомонотеизм аст ё нахустмонотеизм?» ва «Дар Наврӯз ва солҳои нави ирониён» (ба забонҳои форсӣ - тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) ном китобҳояш омодаи чоп мебошанд.

Дар мавриди корҳои дигари илмиаш афзуд, ки «соли 2010 ба эҷоди силсилае ба унвони «Империяи фарҳангии тоҷикон» шуруъ кардам. Ин силсила бо номи «Аз Гандҳара то Данғара» оғоз шуда, китобчаи нави ман - «Тоҷик» аз ҳамин силсила аст».

Навиштаҳои олим фарогир, пурмуҳтаво ва фасеҳанд, ҷуз мабоҳиси забон баёни масоили фарҳангиву фалсафӣ, таърихиву географиро низ дар бар доранд.

Сулаймон АНВАРӢ,
устоди ДМТ

ҶОЙИ Ӯ ДАР ДИДА БУД, АКНУН БА ДИЛҲО РАФТААСТ

Ҳангоми шунидани хабари нохуш инсон лаҳзае чанд сухани лозимиро пайдо намекунад. Ҳамин гуна ҳиссиёт тамоми дӯстону пайвандон ва ҳамсабақонро фаро гирифт, вақте хабари вафоти ҳамсабақамон Анора Дониёрова ба гӯшамон расид. Лол мондем. Танҳо ашк тарҷумони дилҳои шикастаи мо буд...

Анора Дониёрова дӯстдори ҳамсабақон буд. Худованд ба ӯ ҳам сирату ҳам сурати нек, одамгарӣ, қаноатпешагӣ, хоксорию фурӯтанӣ, аз ҳама муҳим, муомилаи хубу чеҳраи кушод ва ҳамеша дастгиру мададгор буданро арзонӣ дошта буд. Ҳаргиз ба ғайбат, дурӯғ ва ҳасад ошноӣ надошт. Дар муносибат бо дӯстон бо муомилаю муносибати хайрхоҳонааш фарқ мекард. Дилҷӯиву дидадаробӣ, самимияти баланд, лабони ҳамеша ба табассум моилаш аз ботини поки ӯ дарак медод. Ба зиндагӣ бо назари нек менигарист. Дар ягон нишаст садои худхоҳӣ баланд намекард, оҳанги қаҳру ғазаб дар гуфтораш зоҳир намешуд. Аз забони ӯ танҳо ҳарфи муҳаббату покӣ мерехт.

Дар меҳмоннавозӣ касе ба ӯ баробар шуда наметавонист. Кадбонуи каммисле буд. Дари дили ӯ барои ҳама кушода буд. Суҳбатҳои хотирмоне дошт.

Мисраъҳои зеринро бисёр такрор мекард:

Эй дӯст, биё, ёд кунем шабҳоро,
Шабҳои дарозу суҳбати якҷоро.
Ҳар чиз талаб кунӣ, биёбӣ ба ҷаҳон,
Шабро ёбӣ, дигар наёбӣ моро.

Анора Дониёрова меҳрубону ғамхор, маслиҳатгиру маслиҳатдеҳ, гули сари сабади хонадон, мунису қуввати дили фарзандонаш Илҳомҷону Адибабону буд. Онҳоро чун мардумаки чашм эҳтиёт карда, ба воя расонид ва ба роҳи мустақилона гусел кард. Кунун онҳо идомабахши ному нишони ӯ мебошанд.

Маълум аст, ки дар олам касеву чизе ҷовидона нест. Инсон миранда аст, аммо кори неку амали хуш ҷовидона аст. Акнун месӯзему ашк мерезем ба ёди хубиҳою меҳрубониҳояш, суҳбатҳои дилнишину насиҳатҳояш... Ба қавли шоир: “Ҷойи ӯ дар дида буд, акнун ба дилҳо рафтааст”.



Чароғи умри Анораи мо хомӯш шуд, вале чароғи меҳраш дар дили мо ҳамеша фурӯзон хоҳад монд... Дасти дуо мебардорем, ки Худои бузург руҳи ӯро шод ва фирдавси баринро насибаш гардонад.

Гурӯҳи ҳамсабақон

Мавлуднома

• 10 АВГУСТ •

Қудратулло Абдураҳимов (1958), 65-солаги зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

Раҳмат Ботуралиев (1943), 80-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон, дорандаи ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Гулмурод Малиев (1948), 75-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Алишер Неъматов (1958), 65-солагии зодрӯзи кинорежиссёр.

Назокати Олим (1948-1998), 75-солагии зодрӯзи журналист, мутарҷим.

Мирзомуддин Раҳмонов (1948), 75-солагии зодрӯзи актёр ва коргардони театр.

Мурод Саидов (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Муҳаммад Ҷӯраев (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Қобил Шарифов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

• 11 АВГУСТ •

Александр Круглов (1908-1989), 115-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Султон Умаров (1908-1964), 115-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор, академики АМИТ, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ.

• 12 АВГУСТ •

Владимир Абулҳаев (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор.

Шукрулло Буходуров (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ.

Глеб Дениченко (1938), 85-солагии зодрӯзи журналист.

Рудолф Камелин (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ.

Қурбонхон Суяров (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Нафиса Юнусова (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ.

• 13 АВГУСТ •

Шукрулло Комилов (1943), 80-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Абдуғаффори Партав (1943), 80-солагии зодрӯзи нависанда.

Гавҳарҷон Раҳимова (1948), 75-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи педагогика.

• 14 АВГУСТ •

Малика Саидова (1968), 55-солагии зодрӯзи сароянда.

Давлат Ҷобиров (1958), 65-солагии зодрӯзи шарқшинос.

• 15 АВГУСТ •

Ҳабиб Аҳрорӣ (1913-1983), 110-солагии зодрӯзи мутарҷим, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Василий Белан (1923-1999), 100-солагии зодрӯзи муаррих, китобшинос.

Бӯрӣ Олимов (1933-2012), 90-солагии зодрӯзи рассом.

Борис Протасов (1918), 105-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи Тоҷикистон.

Бердӣ Раҳимов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Ғайратшо Сафаров (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Саида Сафарова (1923-2006), 100-солагии зодрӯзи устоди рақс.

Сабзаалӣ Сӯфиев (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Муяссара Шукурова (1933), 90-солагии зодрӯзи забоншинос.

• 16 АВГУСТ •

Додихудо Раҳматов (1928), 95-солагии зодрӯзи арбоби ҷамъиятӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Зайниддин Ҷамолов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Ҳавлӣ барои оилаи калон, 10 дар хона, 5 сот. замин, бо тамоми шароит ва ҷиҳозаш, дарову зиндагӣ кун, ё бо 2 ё 3-ҳуҷрагӣ ва иловапулӣ ба ман иваз мекунам. Тел.: 927-70-23-38

НИЁЗ ДОРЕМ

► КВД "Корҳои Машинасозӣ" барои кор мутахассисони зеринро ҷалб менамояд: оператори корҳои оҳангудозӣ, қолабгир, рехтагар, электрики таҷрибадор, оҳантарош, харрот, молшинос, ҳуқуқшинос, муҳосиб, механик-челонгар. Тел.: 918-82-19-65

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникии №2050 ва шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №1ш-238, ба номи Раҳимов Баҳодур Ғаниевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Варзобская 18, хонаи 7-6, ки аз санаи 20.03.2008 дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникии №3247 ва шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №1ш-239, ба номи Раҳимов Баҳодур Ғаниевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Варзобская 16, хонаи 2, ки аз 20.03.2008 дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Билети ҳарбии ҶТ №06531, ки аз 26.11.2021 ба номи Мағзумов Аслхоҷа Дилшодович аз ҷониби Комиссариати ҳарбии н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандии А7150920, ба номи Давлятова Шахноза Анваровна, ки санаи 06.07.2012 аз ҷониби ШКД-1-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дода шудааст, эътибор надорад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартираи истиқоматӣ ба номи шаҳрванд Ахмедова Тахмина Хамзаевна, истиқоматкунандаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ-177, ҳуҷраи 57, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. И. Сомонӣ аз таърихи 18.06.2019 таҳти феҳрасти 1Ш-774 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №14854, аз 23-юми апрели соли 2019, ба номи Ахмедова Тахмина Хамзаевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Исмоили Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ-177, х. 57, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0638268 ба номи Мирзоҷонов Билол Мансурович, ки соли 2019 аз ҷониби МТМУ №8-и н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Бобоева Ашурҷон Муминовна, РЯМ: 1230087192, РМА: 125360385, ки соли 2013 дар Нозироти андози н. Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ, №1763, аз 12.09.1989 ба номи Раҳматуллоев Исмат, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Лучоб, хонаи 52, КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайри манқул" аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Гузарнома (пропуск) ба номи Раҳимова Басби, ки онро соли 2010 муассисаи давлатии маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ додааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0836656 ба номи Раҳмонов Шаҳзод Тошпулотович, соли таҳсил 2019-2020, ки аз ҷониби МТМУ №49-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳристи №4м-149 аз 7-уми августи соли 2020 ба номи Зяпарова Екатерина Алековна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, 5 гузаргоҳи к. Х. Мирзоев (собиқ Репина), хонаи 19, ки дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ақди никоҳ АА №0588219 ба номи Шарипов Асадулло Карроматуллоевич ва Ахмедова Майрам Исматовна, ки аз 29.01.2016 дар Хонаи ақди никоҳи ш. Душанбе ба қайд гирифта шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳристи 6Н-107, кори меросии рақами 102, ки аз 13.10.2005 дар Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат ба номи Самирова Шамсихон Разонидиновна бо суроғаи ш. Ваҳдат, кӯчаи Коргарон, бинои 9, ҳ. 10 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 9Д-3679, ки аз 14.08.1993 дар Идораи 1-уми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе ба номи Тиллоева Майсара Қодировна, бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Мичурина, хонаи 5, кв. 15 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи мубодилаи квартира бо хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи рақами 8Ш-84, ки аз 11.01.2011 дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои шаҳри Душанбе ба номи Ҷумалова Нарзия Саломатовна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи М. Шерализода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳристи 6Н-30, кори меросии рақами 31, ки аз 01.04.2005 дар Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат ба номи Сатторов Додаржон Киборович бо суроғаи ш. Ваҳдат, ҷ/ш Н. Розиқ, кӯчаи Саричашма, хонаи 10 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 1ДС-547, ки аз 16.05.2007 дар Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат ба номи Раҳматуллоев Иброим Ҳасанович бо суроғаи ш. Ваҳдат, кӯчаи Сафедорон, хонаи 17, кв 50 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Саратов Мансурчон Уктамчонович, РЯМ: 0730198719, РМА: 076005447, ки аз 17.03.2020 дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Ядгорова Ханифа, РЯМ: 0730144764, РМА: 075349143, ки аз 09.07.2017 дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 1Ш-1506, ки аз 01.11.2004 дар Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Рабиева Гулмо Нуриевна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Др. Народов, хонаи 7, кв. 3 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунии ОКА ПФ 0027843 ба номи ҶДММ "Рошэн", РМА: 020040454, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунии ОКА ПФ 36591 ба номи Мирзобоева Музифа Мирзообитовна, РМА: 046181681, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ ба номи Қаюмова Ганҷина Алиҷоновна, санаи таваллуд 8-уми январи соли 1999, бо суроғаи ш. Душанбе, к. А. Дониш, хонаи 24, ҳуҷраи 41, ки аз ҷониби ШВКД-и н. Шоҳмансури ш. Душанбе дода шудааст, гум шудааст. Аз нафароне, ки шиносномаи мазкурро пайдо намудаанд, хоҳишмандем, бар ивази мукофотпулӣ баргардонида шавад. Тел.: 000-70-11-70

► Сертификати гумшудаи №0302265, ки онро соли 2007 кумитаи заминсозии ноҳияи Мир Алии Ҳамадонӣ ба Нуралиева Садбарг додааст, эътибор надорад.

► Сертификати гумшудаи №03078858, ки онро соли 2007 кумитаи заминсозии ноҳияи Мир Алии Ҳамадонӣ ба Ҳакимов Умед додааст, эътибор надорад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Шухрат Сохтмон", РЯМ: 0710010272, РМА: 070017223, дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Ташкилоти ҷамъиятии "Шаффоф", ки дар Вазорати адлияи ҶТ таҳти рақами 1581 аз 27-уми декабри соли 2013 ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Ширкати Комил "Бахриёр", №0074976, РЯМ: 1410000928, РМА: 140002247, бинобар сабаби иваз намудани шакли ташкилию ҳуқуқӣ фаъолияташро қатъ менамояд. Тел.: 985-77-33-77

► ҶДММ "Икромшоҳ", №0297840, РЯМ: 3 3 1 0 0 1 0 8 7 1, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Human Resources Associate (Job ID: 12812/FTA-G6); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 18 August 2023 NY time (or 19 August 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Monitoring & Reporting Associate (Job ID: 12834/FTA-G6); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 18 August 2023 NY time (or 19 August 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Procurement Analyst (Job ID: 12868/FTA-NOA); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 23 August 2023 NY time (or 24 August 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Programme Analyst - Governance (Job ID: 12867/FTA-NOA); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 23 August 2023 NY time (or 24 August 2023, 08:59 AM TJK time)**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

ЧУДО

МЕДАЛИ НУҚРАИ ХОҶАЗОДА ВА РАҲИМОВ АЗ HUNGARY MASTERS 2023



Дар мусобиқаи «Hungary Masters 2023» дар намуди чудо, ки дар шаҳри Будапешт аз 4 то 6-уми август баргузор гардид, варзишгарони Тоҷикистон соҳиби 2 медали нуқра шуданд.

Паҳлавони тоҷик Беҳрӯз Хоҷазода (-73 кг) дар финал аз Соичи Ҳашимотои ҷопонӣ мағлуб гардида, сазовори медали нуқра гардид.

Чудокори шинохтаи тоҷик Темур Раҳимов (+100 кг) медали дуюми нуқраро дар мусобиқаҳои ситораҳои чудои ҷаҳон соҳиб шуд. Темур Раҳимов дар финал аз Сартти Пуумалайнен (Финланд) мағлуб шуд.

Намояндаҳои дигари Тоҷикистон Эмомалии Нуралӣ ва Обид Ҷебов дар вазни -66 кг, Комроншоҳи Устопириён дар вазни -90 кг дар даврҳои аввал ноком шуданд. Сомон Маҳмадбеков (-81 кг) ба далели дарёфт накардани раводид ба кишвари Маҷористон дар ин мусобиқа ширкат накард.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо 2 медали нуқра дар байни 59 кишвар зинаи 11-умро соҳиб шуд. Мақоми аввалро ҷопониҳо ба даст оварданд.

«Hungary Masters-2023» дар доираи мусобиқоти сайри ҷаҳонии чудо баргузор шуд. Ғолибону ҷоизадорон бо ҷоизапулии арзишманд қадрдонӣ шуданд. Маблағи умумии ҷоизаҳои молӣ 200 ҳазор евроро ташкил дод. Дар рақобатҳои инфиродӣ ба ғолибон дар ҳамаи 14 вазн 6000 евро, ба барандагони медали нуқра 4000 евро ва ба барандагони медали биринчӣ 2000 евро тақдим шуд.

Ҳамчунин варзишгарон барои беҳтар намудани мавқеашон дар раддабандии ҷаҳонӣ ва олимпӣ соҳиби имтиёз шуданд. Аз ҷумла, ғолибон 1800 имтиёз, барандагони ҷойи дувум 1260 ва ҷойи севум 900 имтиёз гирифтанд.

ФУТЗАЛ



ШИКАСТИ «СОРО КОМПАНИЯ» АЗ «АМОНАТБОНК»

Пас аз танаффуси якмоҳаи марбут ба омодагӣ ва ширкати дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар мусобиқаи «CAFA Futsal Cup-2023», марҳилаи дуюми Суперлигаи футзали Тоҷикистон-2023 оғоз шуд.

Дар бозии марказии даври шашум қаҳрамони феълии кишвар «Соро компания» аз навдастаи мусобиқот «Амонатбонк» бо ҳисоби 3:6 шикаст хӯрд. Аз ҳайати «Амонатбонк» Фаридун Неъматов хет-трик кард.

Дастаи душанбегии «Истиқлол» бар «Истаравшан» ғалабаи бузург (7:0) ба даст оварад.

Дастаи дигари Душанбе - «Пойтахт» дар ин давр дар меҳмонӣ бар «Самандар» аз шаҳри Турсунзода пирӯз (4:2) шуд.

ФУТБОЛ

МАРҲИЛАИ ДУЮМИ ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН-2023 ОҒОЗ ШУД

Нимаи дуюми Чемпионати футболи Тоҷикистон-2023 байни дастаҳои Лигаи олӣ бо панҷ бозии даври понздаҳум оғоз шуд.



Дар бозии марказии давр дастаҳои «Кӯктош» ва «Истиқлол» вохӯрданд. Вохӯрӣ бо ҳисоби мусовӣ ба анҷом расид - 1:1. Рақобати «Равшан» ва «Хуҷанд» ҳам хеле ҷолиб сурат гирифт. Дидори ин ду даста, ки имсол Тоҷикистонро дар Ҷоми КФО-2023/24 намояндагӣ мекунанд, мусовӣ - 1:1 хотима ёфт.

Дастаи «Файзканд»-и Восеъ дар ин давр бар КМВА бо ҳисоби 2:0 пирӯз шуд. Дар бозиҳои дигар «Регар-ТадАЗ» бар «Эсхата» (1:0) ва «Ҳосилот» бар «Хатлон» (1:0) ғолиб омаданд.

Дар доираи бозии даври понздаҳум «Хатлон»-и Бохтар бар «Равшан»-и Кӯлоб бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуда, силсилаи вохӯриҳои бебарори худро, ки ҳафт бозӣ буд, қатъ кард. Вохӯрии байни КМВА-и Душанбе ва «Ҳосилот»-и Фархор бо ҳисоби мусовии 0:0 хотима ёфт. «Истиқлол»-и Душанбе дар ин давр дар майдони худ бар «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода бо ҳисоби 5:0 ғалаба кард.

ЧУДО

ФУТБОЛБОЗОНИ КУРИЁИ ШИМОЛӢ БА ДУШАНБЕ НАМЕОЯНД

Дастаи мунтахаби олимпии Ҷумҳурии халқӣ-демократии Куриё (U-23) аз ширкат дар мусобиқаи интихобии Ҷоми Осиё-2024 дар гурӯҳи «I», ки аз 6 то 12-уми сентябр дар Душанбе баргузор мешавад, даст кашид.



Дар робита ба ширкат накардани мунтахаби олимпии Куриёи Шимолӣ дар мусобиқоти интихобии Ҷоми Осиё-2024 Конфедератсияи футболи Осиё ҷадвали бозиҳоро дар гурӯҳи «I», ки дар он се даста - Австралия, Тоҷикистон ва Лаос бозӣ мекунанд, тағйир дод. Бозиҳои интихобӣ аз 6 то 12-уми сентябр дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе баргузор мешаванд.

Марҳилаи интихобӣ дар Душанбе 6-уми сентябр бо бозии дастаҳои олимпии Лаос ва Австралия оғоз мегардад. Дар даври дуюм, 9-уми сентябр тими олимпии Тоҷикистон бо ҳамсолони худ аз Лаос бозӣ мекунад. Дар даври ниҳоӣ, 12-уми сентябр тимҳои Тоҷикистон ва Австралия бо ҳам вомехӯранд.

Бар асоси натоиҷи даври интихобӣ ғолибони 11 гурӯҳ, инчунин 4 дастаи беҳтарини ҷойи дуюм ба қисми финалии Ҷоми Осиё-2024 (U-23), ки аз 15-уми апрел то 3-юми майи соли оянда дар Қатар баргузор мешавад, роҳ меёбанд.

РЕЗААХБОР



Нимҳимоятгари 18-солаи тими олимпии Тоҷикистон (U-23) Фатҳулло Олимзода фаъолияти худро дар бошгоҳи «Атирау», ки дар премйер-лигаи Қазоқистон баромад мекунад, идома медиҳад. Олимзода нимаи аввали мавсимро дар ҳайати «Равшан»-и Кӯлоб гузаронд.

***

4-уми август дар Ереван Ҷоми президенти Кумитаи миллии олимпии Арманистон Гагик Сарукян дар намуди самбо баргузор шуд, ки паҳлавонони тоҷик се медали биринчӣ ба даст оварданд. Акмалиддин Каримов (58 кг), Сорбон Латифов (54 кг) ва Бахтовар Замиров (98 кг) бо медалҳои биринчӣ ва ҷоизапулӣ ба маблағи 3000 доллар мукофотонида шуданд. Бобоҷон Бобоев дар вазни +98 кг мақоми панҷумро соҳиб шуд.

***

Футболбози маъруфи тоҷик Нуриддин Давронов бо дастаи «Кучинг» аз Малайзия шартнома баст. Қарордод то 6 моҳ имзо шудааст ва Давронов дар ин даста бо рақами 6 бозӣ хоҳад кард. Дастаи «Кучинг» дар Суперлигаи Малайзия миёни 14 даста дар ҷойи 13-ум аст. Давронов дар ҳайати ин даста дар як бозӣ барои ҷом 20 дақиқа ширкат кардааст.



***

Дар шаҳри Актауи Ҷумҳурии Қазоқистон Чемпионати ҷаҳонии шатранҷ байни дастаҳои мактабҳо баргузор гардид. Шатранҷбози даҳсолаи тоҷик Ёсамин Хоҷаева дар ҳисоби инфиродӣ дар тахтаи сеюм ҷойи аввалро ишғол кард ва сазовори медали тилло гардид.

Қасос

Зану шавҳари бо ҳам қаҳрӣ ба нақлиёти ҷамъиятӣ ворид мешаванд. Зан пулро дароз мекунад. Пулчинак мепурсад:

- Чанд кас, апа?

Зан дар ҷавоб:

- Як касу як нокас!

Исқоти ҳамл

Марде ҳангоми суҳбат ба зан мегӯяд:

- Баъзан занҳо рафтори беҳад беақлона мекунанд, чунки зотан камақл ҳастанд.

Зан дар ҷавоб:

- Бо ту розиям, масалан, модари ту метавонист исқоти ҳамл намояд, вале беақлӣ карду ту таваллуд шудӣ.

Ваксина

Марде аз духтур мепурсад:

- Духтур, дарҳол баъди ваксинагирӣ муносибати маҳрамона кардан мумкин аст?

Духтур дар ҷавоб:

- Не, шумо аввал ба хонаатон раведӣ!

Ҷангал

Марде аз дӯсташ мепурсад:



- Муносибатҳои маҳрамонаатон чӣ хел?

Дӯсташ дар ҷавоб:

- Мисоли наботот...

Мард ҳайрон шуда:

- Чӣ хел?

Дӯсташ дар ҷавоб:

- Гоҳе занам кундаву гоҳи дигар ман хезум...

Зан

Мард аз зани бадафте мепурсад:

- Бахшиш, шумо Абдулло ном доред?

Зан бо қаҳр:

- Мебахшеду ман зан ҳастам.

Мард мегӯяд:

- Шумо зани даҳшатнок будаед, Абдулло!

Меҳрубонӣ

Марде ба дӯсташ шиква мекунад:

- Бе зан наметавонам, мефаҳмӣ!? Меҳрубониву ғамхорӣ мехоҳам...

Дӯсташ мегӯяд:

- Зан ёб, охир!

Мард дар ҷавоб:

- Занамро куҷо мекунам?

“Разбор”-и ҳайвонот

Падар дарсҳои тайёркардаи писарчаашро тафтиш мекунад. Вақте навбат ба дарси адабиёт мерасад, нахуст аз мавзуъ пурсон мешавад.

Писарча мегӯяд:

- Мазмун ва мундариҷаи идеявии “Баҳориёт”-и Сайидои Насафӣ.

Падар боз мепурсад:


- Канӣ нақл кун, дар “Баҳориёт” дар чӣ бора сухан меравад?

Писарак:

- Дар “Баҳориёт” ҳайвонҳо “разбор” доранд, дада.

Таҳияи Н.РАҶАБОВА

Сканворд





Пораи ғайринақдӣ

- Акнун порагириву порадиҳӣ ҳам душвортар мешудагист?,- пурсид аз ман Фазлиддин Асозода.

- Чаро душвор мешудааст?,- бо кунҷковӣ пурсидам.

Гуфт:

- Охир, ҳама пардохтҳои давлатӣ минбаъд ба таври ғайринақдӣ сурат мегиранд. Бечора порахӯрҳо пораро чӣ тавр мегирифта бошанд?

- Баръакс осон шуд, чӯраҷон, осон,- гуфтам бо табассум.

- Чӣ хел осон?,- ҳайрон шуда пурсид.

Гуфтам:

- Минбаъд пулро ба ҷайбаш неву ба ҳамёни электрониаш мегузаронӣ. Ҳеҷ кас қапида наметавонад.

Ё пул ё дуо

Аз маркази ноҳияи Китоб ба маршруткае савор шуда, ба самти деҳаи Варганза равон шудем. Дар роҳ бо Эшони Саъдуллохони Варганзагӣ шинос шудам. Чун фаҳмиданд, ки ман меҳмонам, гуфтанд:

- Ман шуморо то хонаи дӯстатон роҳбаладӣ мекунам.

Дар роҳ дар назди тарбузфурӯше мошинро манъ карда, фаромадаву як тарбузи калон гирифта, пулашро дода, бозпас ба мошин савор шуданӣ буданд, ки фурӯшанда гуфт:

- Эшонбобо, дуо надодед-ку!

Хандида, гуфтанд:

- Ман одатан ё пул медиҳам ё дуо. Пулро гирифтӣ, дуоро дар хоб мебинӣ.

Он бузург кӣ аст?

Дар хона нишаста будам, ки бонуе занг зада, гуфт:

- Ба ман занг занед, каме суҳбат кунем.

- Бахшиш,- гуфтам,- занг зада наметавонам. Ман дар назди як одами бузург нишастаам.

- Вай кадом одами бузург будааст, ки дар назди ӯ бо ман гап зада наметавонед?,- ҳайрон шуда пурсид.

Оҳиста гуфтам:

- Очаи бачаҳо.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА